23. ПА ГБАО Ф.2, оп. 28, ед. хр. 473. Л. 2. (Личное дело № 278 Ф. Жукова).
24. Ук. ПВС СССР от 10.12.1945 г. (Послужный список № 6 А.Насибова).
25. Ук. ПВС СССР от 04.11.1967 г. (Послужный список № 6А, А.Умарова).
26. Ук. ПВС СССР от 04.11.1967 г. (Послужный список от 14.02.1967.Г.Ёрмамадова).
27. Послужный список Б. Раджабова от 14. 05. 1939 г.
28. Послужный список М.Саркорова от 18. 07. 1939 г.
29. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От арийцев до Саманидов. – Лондон. 1999.-С.152.

## ВКЛАД СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ МИЛИЦИИ ГБАО В УКРЕПЛЕНИИ ОБОРОНЫ СТРАНЫ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ

В статье освещается вклад Таджикской милиции в частности сотрудников органов милиции ГБАО в обеспечение победы советского народа в годы Великой Отечественной войны над фашизмом. Также обращено внимание на укрепление государственной границы и охраны общественного порядка в целях обеспечение условий для бесперебойной работы во благо Родины и оказание помощи фронту.

***Ключевые слова**: победа, война, отечество, великий, сотрудник, милиция, фронт, помощь, пограничник, нарушитель, граница, общество, порядок.*

## САҲМИ КОРМАНДОНИ МИЛИТСИЯИ ВМКБ ҶИҲАТИ МУКАММАЛКУНОНИИ МУДОФИАИ МАМЛАКАТ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Дар мақола саҳми милитсияи тоҷик ва бахусус кормандони мақомоти милитсияи ВМКБ дар таъмини Ғалабаи халқи Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар фашизм мухтасар инъикос ёфтааст. Ҳамзамон ба масъалаи мустаҳкамкунии сарҳади давлатӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҷиҳати таъмини шароити мусоид барои фаъолияти

пурсамар баҳри амалӣ намудани манфиатҳои Ватан ва расонидани кӯмак ба фронт таваҷҷуҳ дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *ғалаба, ҷанг, кишвар, бузург, корманд, милитсия, фронт, кӯмак, сарҳадчӣ, вайронкунанда, сарҳад, ҷамъият, тартибот.*

**THE CONTRIBUTION OF GBAO POLICE OFFICERS TO STRENGTHENING THE COUNTRY'S DEFENSE DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR**

The article highlights the contribution of the Tajik police, in particular the workers of the GBAO police, to ensure the victory of the Soviet people over fascism during the Great Patriotic War. Attention was also paid to strengthening the state border and protecting public order to ensure conditions for uninterrupted actions for the benefit of the Motherland and giving help to the front.

**Key words**: *victory, war, country, great, employee, police, front, help, border guard, violator, border, society, order.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Имомёрбеков Атобек-номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи идоракунӣ ва худидоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 935559344. E-mail: iatobek@mail.ru.

**Information about the author**: Imomyorbekov Atobek-candidate of historical sciens, Associate Professor of the Department of management and self- government of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.Telefon: (+992) 935559344.E-mail: iatobek@mail.ru

УДК-9 (575.3)

# ВКЛАД МОЛОДЫХ ВОИНОВ-ТАДЖИКИСТАНЦЕВ В ДВИЖЕНИИ СОПРОТИВЛЕНИЯ ЕВРОПЕЙСКИХ СТРАН

**УСМОНОВ А. И., НАБИЕВ В. М., КАБИЛОВ З. З.,**

**Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова**

Все дальше уходят в прошлое годы Великой Отчесетвенной войны. Прошло 75 лет с тех исторических событий, когда капитулировались фашистская Германия и милитаристская Япония. Многое изменилось в мире с тех пор. Но по-прежнему неослабевающий интерес вызывает все то, что связано с суровым военным временем.

Великая Отечественная война была самой тяжелой и жестокой из всех войн, когда-либо пережитых Советским Союзом. Однако она была не только драматическим, но и героическим периодом истории советского народа. История войны полна фактов мужества и самоотверженности миллионов советских людей, беззаветно защищавщих свою социалистическую Родину. И чем дальше мы от того тревожного и героического времени, тем величественнее кажутся их подвиги, тем полнее осознается значимость совершенного.

«Сегодня,-Основатель мира и национального единства–Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своём

поздравительном послании в честь Дня Победы в 8 мая 2020 г. отмечает: когда набирают силу терроризм, экстремизм, организованные транснациональные преступления, а также изменение климата с его тяжелыми последствиями и распространение инфекционных заболеваний, с чем сталкиваются народы и государства, это приобретает особую важность.

В этих условиях поучительные уроки Великой Отечественной войны, подвиг наших народов призывает нас к тому, чтобы мы бдительно охраняли мир, спокойствие и стабильность на всей Земле.

Мы ежегодно отмечаем День Победы, и он напоминает о том, что крепость дружбы и взаимного сотрудничества между народами и государствами является основой мира, спокойствия, благоденствия и процветания на нашей планете и заслоном всяким бедам» [5].

Одной из славных страниц Второй мировой войны является освободительная миссия Красной Армии и участие советского народа в движении Сопротивления и партизанских движениях народов Европы.

Ещё 3 июля 1941 г. выступая по Всесозному радио Председатель Государственного Комитета Обороны СССР И.В.Сталин заявил: “Целью этой всенародной войны против фашистских угнетателей является не только ликвидация опасности, нависшей над нашей страной, но и помощь всем народам Европы, стонущим под игом германского фашизма” [6, 29].

Исторические факты свидетельствуют о том, что вместе с главной антифашистской силой – с советским народом на переднем крае борьбы с захватчиками находились борцы движения Сопротивления.

Наиболее активная форма движения Сопротивления – вооруженная борьба включала боевые действия партизанских отрядов и народно-освободительных армий, уничтожение оккупантов и их приспешников, массовые вооруженные восстания, а также диверсии на предприятиях и железных дорогах.

Решающим фактором активизации движения Сопротивления явилось Великая Отечественная война. Оценивая это событие видный деятель Французской коммунистической партии и международного коммунистического движения М. Торез отметил: “Гитлеровская агрессия против Советского Союза дала сильный толчок нашему движению Сопротивления, особенно организации вооруженной борьбы... после 22 июня 1941 года патриоты сказали себе: “Мы не одни, с таким союзником, как советский народ, мы можем завоевать свободу, мы можем победить” [2, 167].

В действительности, цели Советского Союза в отношении оккупированных гитлеровцами стран были сформированы в ряде документов Советского правительства. В них провозглашались освобождение народов Европы от фашистских захватчиков и содействие им в воссоздании своих национальных государств, представление полной свободы и решении вопроса о своем государственном устройстве и

социальном строе, создание условий, полностью исключавших возможность новой агрессии со стороны Германии.

Представители таджикской молодежи бок о бок с другими представителями нации и народностей Советского Союза внесли значительный вклад в дело освобождения народов Европы от гитлеровской оккупации.

За пределами Родины у комсомольцев и молодежи, всех наших воинов наряду с массовым героизмом во всем величии проявились такие присущие советским людям качества, как любовь и глубокое уважение к трудящимся других государств, культура и тактичность в отношениях с местным населением.

В ходе освобождения народов Центральной и Юго-Восточной Европы советское партизанские отряды осуществили передислокацию и громили фашистов плечом к плечу с польскими и чехословацкими партизанами.

Не было ни одной европейской страны, где бы в движение Сопротивления активно не включались советские люди, в том числе представители таджикской молодежи. Это были те, кто бежал из концлагерей и лагерей военнопленных. По далеко не полным данным, только в партизанских отрядах стран Европы сражались примерно 40 тыс. советских людей.

В Польше в борьбу против немецко-фашистских захватчиков сначала вступили небольшие партизанские отряды, ядро которых составляли рабочие. В январе 1942 г. по инициативе Польской рабочей партии была создана подпольная военная организация – Гвардия Людова, которая прилагала энергичного усилия для формирования новых партизанских отрядов, диверсионных и специальных групп, призванных вести вооруженную борьбу, осуществлять нападение на коммуникации, военные и промышленные объекты врага.

Благодарная Польша помнит своего отважного освободителя Малика Ашурова, известного среди польских партизан под именем Иван-таджик. Необходимо отметить, что известный кинорежиссёр Евгений Кузин вложил много труда, прежде чем снял документальный фильм “Иван-таджик”. Е. Кузин в надежде что-то нового найти из жизни славных сынов таджикского народа, летчиков-партизан о Халимове и Абдурахманове поехал к бывшим партизанам Польши. В годы войны партизанская группа им. Котовского в районе Белорат в лесах Пущи Сольск вела операции. Отряд был интернациональным. Среди партизан были французы, болгары, поляки, югославы и другие. Полковник в отставке, историк Ян Гранчевский наряду с другими назвал имя мужественного партизана Ивана-таджика и посоветовал Е.Кузину встретиться с бывшим командиром этого партизанского отряда, подполковником в отставке Анжеем Флисом, который воевал с Иваном-таджиком. Уточнили, что Иван – это из России, таджик, значит из

Таджикистана. Так называли отважного советского патриота-партизана на польской земле. Выяснилось, что в 1941 году Иван-таджик после тяжелого ранения попал в плен. Ему удалось бежать из концлагеря Освенцим и попасть в партизанский отряд. Он с собой нес два автомата фашистских солдат, которые преследовали его. Он с товарищами шел на самые опасные задания, разрушал мосты, пускал под откос поезда с боеприпасами и солдатами, взрывал склады врага. В 1944 году против партизан на территории Пущи Сольск фашисты отправили 30 тысячную армию карателей. Анжей Флиск был ранен и самолётом доставлен в Киев. Несмотря на численный перевес, партизаны смогли выйти из окружения. Однако шальная пуля оборвала жизнь Ивана-таджика [1]

В 1980 году Иван-таджик (Малик Ашуров) посмертно был награжден польским орденом Виртути Милитари. А в 1988 году решением Сейма Польши Малик Ашуров удостоен высшей наградой – “Партизанский крест” [7, 314].

В Чехославкии весной 1942 г. возникли первые партизанские группы в Малых Карпатах, Штявницких горах и лесах Восточной Словакии. До конца января 1945 г. в Чехии и Моравии вели борьбу 7 тыс., а в Словакии – 17 тыс. советских партизан. Среди них было много молодых воинов-таджикистанцев: Салохиддин Тошмуродов, Мирзо Хасанов, Самад Рахмонов, Раззок Хамроев, Тошбой Очилов, Наби Усмонов, Турсунбек Эргашев, Шавкат Мирсалимов, Абдуллохон Нарзуллоев, Ахмаджон Мамаджонов, Рахмон Узоков, Мухаммад Ходжаев, Неъматулло Кобилов и др.

Мужественно сражались народы Балканского полуострова с фашистскими захватчиками. Партизанское движение охватило Югославию, Грецию, Албанию и Болгарию.

В Югославии уже летом 1941 г. под руководством компартии началась открытая вооруженная борьба против оккупантов. Осенью того же года югославские партизаны освободили более 40 городов и значительные территории в Сербии, Боснии и Герцоговине. В конце 1941 г. были созданы и активно действовали десятки партизанских формирований. 20 ноября 1942 г. Верховный штаб народно-освободительных отрядов принял решение именовать вооруженные силы Народно-освободительной армии Югославии [2,168].

В составе партизанской бригады А.И.Дьяченко героически сражались молодые таджикские воины Машариф Буриев, Абдувосит Тошматов, Хусенбой Зокиров, Анатолий Шанов, Хайдар Ниёзов, Назар Каюмов, Мамаджон Дадобоев, Бекназар Турдиназаров, Бозор Хушматов и др.

В результате боевых действий советских, югославских и болгарских воинов была освобождена восточная часть Югославии. 20 октября 1944 г. советские и югославские войска очистили от захватчиков столицу – Белград. В освобождении Югославии свою лепту внесли и таджикские партизаны.

В 1973 г. на имя учителя школы №27 кишлака Джалджит Орджоникидзеабадского района Назара Каюмова пришло письмо из далекой Югославии. Президент Социалистической Федеративной Республики Югославии Иосип Броз Тито поздравив отважного сына таджикского народа, партизана Назара Каюмова за боевые заслуги, удостоил памятной медалью борьбы народов Югославии против фашизма [4,390].

В достижении победы достойное место заняло движение Сопротивление в оккупированных странах и странах фашистского блока, в котором принимали участие представители различных социальных сил. Истоки этого антифашистского освободительного движения коренились в глубоком патриотизме народных масс, их растущей активности в борьбе за независмость, вдохновлявшиеся победами советских войск. Мужественно сражались таджикистанцы с бойцами Сопротивления во Франции, Италии и других странах Западной Европы.

Большой размах Сопротивление приобрело во Франции. Учитывая активное участие советских военно-пленных, сбежавших из немецких концлагерей, в движении Сопротивления, в декабре 1943 г. Центральный Комитет Коммунистической партии Франции образовал специальный военно-политический центр-Центральный Комитет советских военнопленных. Для 25 тысяч советских военнопленных издавалась газета “Советский патриот” на русском языке. Основная цель комитетов союзных лагерей заключалась в организации побега военнопленных и их доставка в партизанские отряды.

Героизм и отвагу показали ленинабадские солдаты Сергей Даниелян, Агарон Акунц, Ашот Мкртычян, Вартан Петросян и др. в сражении под Ла-Кальметт [4, 399].

Совместно с французкими партизанами сражался и Кодир Рахимов. В своих воспоминаниях он пишет: “Родился в 1924 году в древнем таджикском городе Худжанде. Окончил в 1943 году военное училище, получил военное крещение под Смоленском. После тяжелого ранения попал в плен. Совершил побег из лагеря военнопленных и оказался во Франции, оккупированной гитлеровцами, недалеко от города Атлаксон, в окрестностях города Флере (Нормандия). Там я встретился с партизанами – поляком Адамом Вайтолой и французом Лусьяном. С их помощью я попал в партизанский отряд, командиром которого был Поль Саньес...

Мы действовали в окрестностях Флере, закладывали взрывчатки и мины на дорогах, под мостами, по которым двигались фашистские войска и их обозы. Вместе с французами в нашем интернациональном партизанском отряде сражались поляки, русские, таджики и киргизы” [3, 84-85].

Инициатором и вдохновителем движения Сопротивления в Италии является Коммунистическая партия. Уже в октябре 1943 года она приступила к созданию ударных бригад им. Гарибальди, командующими

которыми стал видный деятель Итальянский Коммунистический партии Л. Лонго. Итальянское движение Сопротивления сыграло огромную роль в освобождение страны. В рядах итальянского партизанского движения сражались многие представители других стран. Среди участников партизанских формирований Италии были и посланцы молодежи Таджикистана: Туракул Холов, Содик Кодиров, Джура Рустамов, Олим Сангинов, Карим Джумаев, Хамдам Дододжонов, Абдулахад Кайюмов и др.

В партизанских отрядах итальянских гарибальдийцев активное участие принимал и Туракул Холов. Об этом свидетельствует удостоверение выданное Т. Холову в котором написана: «Удостоверение патриота.

От имени правительства благодарим Туракула Холова за то, что он сражался с врагом на поле битвы.

Воюя в рядах патриотов, тех людей, которые носили оружие во имя дела торжества свободы, он принимал участие в операциях, выполняя подрывные акты, доставлял информацию военного значения. В возрожденной Италии те, кто имеет настоящее удостоверение, будут всегда почитаться как патриоты, которые сражались за дело чести и свободы».

В 1977 г. Туракул Холов от боевых друзей из Италии получил письмо с красным вымпелом – «Советскому партизану от участников движения Сопротивления Медечини». Из Италии ему писали: «…Советский партизан Холов Туракул из Шаартузского района (Таджикистан) 1921 года рождения, с 10 сентября 1944 г. по апрель 1945 г. сражался в пятой бригаде имени О.Бончвина, которую возглавлял Армондо Бруно Мавчези». В документе подписи командиров заверены Президентом Италии [4,393].

Таким образом, на протяжении всей войны на всех фронтах, во всех операциях, битвах и сражениях молодые воины-таджикистанцы проявили массовый героизм, величие духа, совершили бессмертные подвиги во славу любимой Родины.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Асадуллоев, Насрулло. Саҳифаҳои нохонда /Насрулло Асадуллоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1976. – 16 июл.
2. Вторая мировая война. Итоги и уроки. – М.: Воениздат, 1985. – 447 с.
3. Ғафforов, У. Ахтарони беғуруб / У.Ғафforов. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 428 с.
4. Рахимов, С.А. Таджикистан кузница победы. Материальная и моральная помощь Республики Таджикистан фронту в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) / С. Рахимов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 488 с.
5. Рахмон, Э. Поздравительное послание в честь Дня Победы, 08.05. 2020 / Э.Рахмон // [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ru/node/22913 (санаи истифодабарӣ: 15.06.2020)
6. Сталин, И.В. Дар бораи Ҷанги Бузурги Ватании Иттифоқи Советӣ / И.В. Сталин. – Сталинобод, 1954. – 408 с.
7. Шарифов, Ҳ. Мардони палангошӯб / Ҳ. Шарифов. – Хуҷанд, 2004. – 449 с.


## САҲМИ ҶАНГОВАРОНИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОНӢ

**ДАР ҲАРАКАТИ МУҚОВИМАТИ МАМЛАКАТҲОИ АВРУПО**

Дар мақола иштироки ҷанговарони тоҷик дар ҳаракати партизанӣ ва Ҳаракати Муқовимати халқҳои Аврупо мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Таваҷҷуҳи хоса ба қаҳрамонии тоҷикистониён дар муҳорибаҳои Полша, Югославия, Чехославкия, Фаронса, Италия ва дигарҳо дода шудааст. Характери интернатсионалии ҳаракати партизанӣ ва ҳаракати Муқовимат инъикос гардидааст.

**Калидвожаҳо:** *Ҷанги дуюми ҷаҳон, ҳаракати партизанӣ, Ҳаракати Муқовимат, корнамоии партизанҳои тоҷик, озодшавии мамлакатҳои Аврупо.*

**ВКЛАД МОЛОДЫХ ВОИНОВ-ТАДЖИКИСТАНЦЕВ В ДВИЖЕНИИ СОПРОТИВЛЕНИЯ ЕВРОПЕЙСКИХ СТРАН**

В статье рассматривается участие таджикских воинов в партизанском движении и движение Сопротивление народов Европы. Особое внимание уделяется героическому подвигу таджикистанцев в сражениях Польши, Югославии, Чехословакии, Франции, Италии и др.

Освещается интернациональной характер партизанских движений и движение Сопротивление в Центральном и Юго-Восточной Европы.

**Ключевые слова:** *Вторая мировая война, партизанское движение, движение Сопротивления, героизм таджикских партизан, освобождение стран Европы.*

**CONTRIBUTION OF YOUNG TAJIK WARRIORS IN WESTERN EUROPE'S GUERRILLA MOVEMENT**

The article deals with the participation of Tajik soldiers in the guerrilla movement and the resistance movement of the peoples of Europe. Particular attention is paid to the heroic feat of Tajiks in the battles of Poland, Yugoslavia, Czechoslovakia, France, Italy and others.

The international character of guerilla movements and the movement of Resistance in central and southeastern Europe is illuminated.

**Key words:** *World War II, the guerrilla movement, a resistance movement, heroism of Tajik guerrilla fighters, liberation of European countries.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Усмонов Аюб Исломович-доктори илмҳои таърих, профессор, Набиев Ваҳоб Машрафович-доктори илмҳои таърих, профессор,Қобилов Зафарҷон Зокирович-омӯзгорони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

**Information about the avtors:** Usmonov Aub Islomovich-Dr. of Historical Sciences, Professor, Nabiev Vakhob Mashrafovich-Dr. of Historical Sciences, Professor,Qobilov Zafarjon Zakirovich-senior lecturer of the Department of history of the Tajik people Khujand State University named after Bobojon Gafurov.

УДК-9 (575.3)

# САҲМИ ХУҶАНД ВА ХУҶАНДИЁН ДАР ҒАЛАБАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

**БОБОҶОНОВА М. Р.,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

22 июни соли 1941 раванди меҳнати суботкоронаи халқи Шӯравӣ аз ҷониби фашистони гитлерӣ канда карда шуд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз гардид.

Баъди шунидани хабари ҳамлаи хиёнаткоронаи фашистон дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон ҷамъомаду маҷлисҳо доир гашт ва дар он коргарон якдилона овоз доданд, ки барои ҳимояи Ватани худ омода ҳастанд. Ихтиёран шомил шудан ба сафи Артиши Сурх зуҳуроти равшани ватандӯстии халқи тоҷик мебошад. Ҳазорҳо нафар шаҳриён ба идораи комиссарати ҳарбӣ бо дархости фавран фиристодани онҳо ба фронт муроҷиат намуда буданд. Мувофиқи маълумоти дар бойгониҳо маҳфуз буда, дар набардҳои ҷанг 300 ҳазор нафар Тоҷикистониён дар қатори дигар даъватшудагони собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолона иштирок кардаанд. Қариб 100 ҳазор нафари онҳо аз фронт барнагаштаанд. 54 нафар сазовори номи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравиро гирифтаанд. Аз вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) бошад 10971 нафар ба фронт сафарбар карда шуда буданд. Аз ҷумла 63 нафари онҳо занон-ихтиёриён ва 1220 нафар барои кор дар корхонаҳои мудофиаи кишвар ҷалб шуда буданд.

Дар байни онҳое, ки аввалин шуда бо фашистон ҷанг кардаанд, полки 125-ум буд, ки фармондеҳи экипажи артиллерия сокини Хуҷанд–Муҳаммадҷон Абдувалиев буд [1,36-48;350-358]. Туфанги ӯ бевосита ба сӯи фашистони ҳамлагар оташ мехӯрд. Командири баталён ба Абдувалиев фармуд, ки анбори артиллерияи душманро нобуд созад.Пас аз иҷрои вазифа, Абдувалиев дар набардҳои вазнини наздикии Кобрин иштирок кард. Ҷанговари ҷасур аз рӯзи аввал то охирини ҷанг дар майдони набард монд, онро аз Брест оғоз намуда, дар Берлин ба анҷом расонидааст.

Сарбозони тоҷик ҷасурона дар набардҳои шадид барои ҳимояи ватани худ–Маскав ҷангиданд. Дар он ҷо нонпази хуҷандӣ – Эргаш Юлдошев ҷон бохтааст. Ӯ дар номаи охири худ навиштааст:“...ба наздикӣ қасам ёд кардем, инҳо суханони муқаддаси қасаманд, ки ҳатто марг моро маҷбур намекунад, ки тағйир диҳем. Ман ҳоло наздик ба шаҳри Маскав ҳастам ва онҳо фикр мекунанд, ки онро мегиранд, лекин ҷанг акнун оғоз мешавад. Имрӯз мо ба ҳамла мегузарем. Мо ҳама ба он омодагӣ дида истодаем. Агар ман бимирам фавран ба модар ва хоҳарам гап назан” [2,376].

Ҳазорон нафар фиристодагони Тоҷикистон шаҳри Сталинградро дифоъ намуда буданд, ки дар байни онҳо аз вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) Б.Сиддиқов, Ш.Ахмедҷонов, И.Махкамов, А.Ҳоҷибоев, Р.Аноров, Ш. Датхаев, И. Бойматов, А.Раҷабов, А.Дадобоев ва бисёр дигарон дар набардҳои шадид иштирок доштанд [3,531]. Дар солномаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мудофиаи қаҳрамононаи Ленинград яке аз барҷастатарин саҳифаҳо ба ҳисоб меравад.

Аз рӯзҳои аввали ҷанг меҳнаткашони Хуҷанд, мисли тамоми мардуми кишвар шиори “Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба бар душман”-ро қабул карданд. Дар корхонаҳои саноатии шаҳр мусобиқаҳои оммавии сотсиалистӣ ба роҳ монда шуданд. Дар заводу фабрикаҳо, гурӯҳи фронтӣ аз ҳисоби ҷавонон ташкил карда шуданд. Ҳамагӣ дар шаҳр 30 адад бригадаҳо бо фарогирии 370 нафар ташкил карда шуданд.22 майи соли 1942 дар маҷлиси шаҳр бо иштироки котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Д. Протопопов гуфта шуда буд, ки дар давоми чор моҳи соли 1942 саноати шаҳр вазифаи худро аз меъёри муайяншуда барзиёд иҷро намуд. Масалан, фабрикаи консервабарорӣ-109,7 фоиз, фабрикаи бофандагӣ -103,7 фоиз ва ғайраҳо.

30 июли соли 1941 маҷлиси умумишаҳрии занон баргузор гардид. Маҷлисро котиби Комитети ҳизбии шаҳр – Б. Ёқубова кушод. Дар маҷлис қарор оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, зиёд намудани кадрҳо аз ҳисоби занҳо, ҷамъ намудани либоси зимистона барои ҳимоятгарони шуҷои Ватан қабул карда шуд. Дар солҳои ҷанг занон ва ҷавононе, ки дар соҳаҳои алоҳидаи саноат кор мекарданд, аз 30 то 55 фоизро ташкил медоданд.Соли 1942 шумораи занони коргар ва хизматчиёни халқ ба 53,3 фоиз, дар солҳои 1943-1944 ба 57, 4 фоиз расид [4,359].

28 марти соли 1943 ҷамъомади ҳизбии шаҳри Хуҷанд баргузор гардид. Дар он ҷамъомад котиби Кумитаи шаҳрии ҳизб М.И.Езопов доир ба натиҷаҳои меҳнати корхонаҳои саноатӣ дар соли 1942 ҳисобот дода, вазифаҳо барои соли 1943-ро муайян намуд.

Мавриди зикр аст, ки Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо меҷангид, балки обод ҳам мекард. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар дар тӯли қариб 4 соли ҷанг 113 млрд сӯмро ташкил дод. Дар давраи ҷанг 3500 адад корхонаҳои нав ва 7500 адад корхонаҳои саноатии давлатӣ барқарор карда шуданд.

Дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ танҳо дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) заводи №3, заводҳои резинӣ, шиша, сафолӣ, кони ангишти №10, фабрикаи ресандагӣ ва як қатор корхонаҳои дигар сохта ба истифода дода шуданд [5,371].

Вилоят дар солҳои ҷанг барои фронт 38 млн. адад маҳсулоти консерва, 5,5 млн литр шароб ва як қатор дигар ашёи хом ва маҳсулот истеҳсол намуда буд. Дар тӯли солҳои ҷанг дар корхонаҳои шаҳри Хуҷанд беш аз 86 сехҳои нав ташкил карда шуда, истеҳсоли зиёда аз 33 намуди маҳсулот азхуд карда шуд ва сатҳи умумии истеҳсолот тақрибан ду баробар зиёд гардид.

4 сентябри соли 1941 Кумитаи иҷроияи вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) ва бюрои Кумитаи ҳизбии вилоят қарори махсуси муштарак қабул карданд, ки тибқи он биноҳо барои бемористонҳои низомӣ барои 1200 кат омода карда шуданд.

Таҳти роҳбарии сардори шуъбаи манзилии минтақа Розиқов ва сардори Раёсати тандурустии вилоят Квиникадзе ба ин биноҳо хатти телефон пайваст карда шуд. Раёсати нақлиёти вилоят барои интиқоли маҷруҳон 5 адад автобусро ҷудо кард [6,372].

Созмонҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ дар таҷҳизонидани беморхонаҳо барои қабули маҷруҳон кӯмак расонданд. Ба беморхонаҳо 870–кат, 715–қолин, 777 ҷуфт пойафзол, 129 – пардаҳои гуногун, 1608 –болопӯш, 26 китоб, 1981 -курта, 994-хилъатҳои тиббӣ, 2585-болиштҳо, 1210-ҷӯробҳо ва бисёр дигар ашёҳои зарурии тиббӣ дода шуд.

Бинои Омӯзишгоҳи тиббии ба номи академик Иван Павлов дар Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) ба беморхонаи эвакуатсионии № 4452 дар табдил дода шуда буд, ки дар он ҷо сарбозон ва фармондеҳони Артиши Сурхи захмигашта, табобат карда мешуданд. Кормандони беморхонаи ҳарбии № 4452 ба сарбозон ёрии аввал мерасониданд Беморхона аз моҳи октябри соли 1941 то охири Ҷанги Бузурги Ватанӣ кор кардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ба муносибати 75–солагии Ғалабаи бузург дар Коллеҷи тиббии ба номи Ю.Б. Исҳоқӣ лавҳаи ёдгорӣ насб карда шуд. Ин лавҳа ба наслҳо хотиррасон хоҳад кард, ки дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ин ҷо як беморхонаи низомӣ ҷойгир буд.

Ба ғайр аз ин бинои дуошёнаи факултети физика ва математикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С. М. Киров низ дар он солҳо ба беморхонаи эвакуатсионии № 4453 табдил дода шуда буд. Аммо, мутаассифона маълумоти мазкур ҳоло ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Танҳо маълум аст, ки сардухтури беморхона, капитан Александр Иванович Мишковский, ҷарроҳ Софя Моисеевна Гефт, табибони ҳарбӣ В.Г.Торбина, С.О.Фролова, ҳамшираҳои шафқат Елена Василевна Жукова ва Анна Ивановна Пронина буданд [7,504].

Хуҷандиён ба беморхонаҳо ба қадри имкон ёрӣ мерасонданд, бо ҳамаи ашёҳои лозима онҳоро таъмин мекарданд. Масалан, барои бемории маҷрухшудаи беморхонаи № 4453, аз ҷониби гурӯҳи омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод лавозимоти кати хоб омода карда мешуд.Дар ин бора дар ёддошти муовини директори институт В.С. Шардаков маълумот оварда шудааст: “Донишкада дорои як беморхонаи сарпарастӣ дар бинои қаблии донишкада мебошад, ки дар он як ҳуҷра пурра муҷаҳҳаз шудааст ва китобхонаи худро низ дорад. Дар соли таҳсили 1941-1943 дар беморхона корҳои зерин ба нақша гирифта шудааст: а) гузаронидани се шоми ҳаводорони мусиқӣ; б) хондани 10 маърӯза; в) гузоштани навбатдорон дар ҳуҷраи беморон; г) тақдим намудани туҳфаҳо ба маҷруҳон то 1 май; д) муайян намудани мусоҳибон.

Донишҷӯён меҳмони доимии ин гуна беморхонаҳо буданд. Бо хондани суруду шеърҳо ва гузаронидани конфронсҳо табъи беморонро болида месохтанд [8,170].

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки шаҳрвандони шаҳри Ленинобод (ҳозира Хуҷанд), ҳам дар майдони набард ва ҳам дар ақибгоҳ қаҳрамониҳои зиёде нишон додаанд.Меҳнаткашони тамоми соҳаҳои мухталиф ба монанди коргарони заводу фабрикаҳо, духтурон, муаллимон бо меҳнати фидокоронаашон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо мақсади барқарорсозии сулҳу осоиштагӣ хизматҳои назаррасеро ба анҷом расонидаанд.

Мо созандагони ҷомеаи нав дар марҳилаи бунёдкорӣ ва обод намудани кишвари худ бояд аз падару бобоёни шуҳратманди хеш ва собиқадорони ҷангу меҳнат ибрат гирем. Зеро онҳо баробари ҳифзи Ватан дар ободонии сарзамини аҷдодӣ заҳматҳои зиёд кашидаанд.

## АДАБИЁТ


1. Артемьев А.П. Братский боевой союз народов СССР в Великой Отечественной войне.–М.,1975.//История Ленинабада (Научно-популярный очерк)/Под редакцией академика З. Ш. Раджабова, доктора исторических наук, профессора Г. Х. Хайдарова.-Душанбе: «Ирфон»,1986.-С.350-358.//История таджикского народа. В 6 томах. Т.6. (Новейшая история). – Душанбе, 2011. – С. 36-48.
2. Ҳамон ҷо.-С.376.
3. Гафуров Б., Прохоров Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Сталинабад,1944..-С.531.
4. История Ленинабада (Научно-популярный очерк) /Под редакцией академика З.Ш.Раджабова, доктора исторических наук, профессора Г.Х. Хайдарова.-Душанбе: «Ирфон», 1986.-С.359.
5. История Ленинабада (Научно-популярный очерк) /Под редакцией академика З. Ш.Раджабова, доктора исторических наук, профессора Г.Х. Хайдарова.-Душанбе: «Ирфон», 1986.-С.371.
6. Ҳамон ҷо.-С.372.
7. Холҷӯраев Х., Набиев Н. Ҳамнафас бо давр.- Хуҷанд:Ношир, 2005.-С.504.
8. Каримова М.А.Вклад медиков Таджикистана в лечение раненых и больных в годы Великой Отечественной войны// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. №2.(2014).-С.170.


## САҲМИ ХУҶАНД ВА ХУҶАНДИЁН ДАР ҒАЛАБАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ


Дар мақола, дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ доир ба иштироки хуҷандиён дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инчунин дар бораи меҳнаткашони ақибгоҳ, ташкили беморхонаҳои эвакуатсионӣ ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар солҳои мудҳиши ҷанг ва инчунин саҳми онҳо дар Ғалабаи бузург маълумоти нав фароҳам оварда шудааст.


Барои ба даст овардани Ғалаба бисёр омилҳо нақш бозидаанд, аммо яке аз онҳо қаҳрамонӣ ва якдилии тамоми миллати собиқ давлати Иттиҳоди Шӯравӣ буда, халқи тоҷик низ дар он саҳми назаррас гузоштааст. Даҳҳо ҳазор сарбозони ҷасур дар набардҳо ҷангида, аксари онҳо ҷони худро барои озодии ватанашон додаанд.

**Калидвожаҳо:** *Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ, Хуҷанд, майдони набардҳо, ақибгоҳ, меҳнаткашони ақибгоҳ, беморхонаи эвакуатсионӣ, корхонаҳои саноатӣ.*

## ВКЛАД ХУДЖАНДА И ХУДЖАНДЦЕВ В ПОБЕДУ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЕ

В статье на основе изучение научной литературы приводились новые данные об участие худжандцев в сражениях Великой Отечественной Войны, о промышленности города в военные годы, организации и размещении в городе эвакуационных госпиталей и, в целом, вкладе таджикского народа в Великую Победу над фашизмом.

Многие факторы сыграли свою роль в победе, но одним из главных были героизм и единство всего народа бывшего Советского Союза, в который таджикский народ также внес существенный вклад. В боях сражались десятки тысяч храбрых солдат, многие из которых отдали свои жизни за свободу своей родины. Трудящиеся Худжанда своим самоотверженным трудом в годы Великой Отечественной войны вписали славную страницу в историю родного города.

**Ключевые слова:** *Великая Отечественная война, Советский Союз, Худжанд, поля сражениий, труженники тыла, эвакуационные госпитали, промышленные предприятия.*

## CONTRIBUTION OF KHUJAND AND KHUJANDI IN THE VICTORY OF THE GREAT PATRIOTIC WAR

Based on the study of scientific literature, the article provided new data on the participation of Khujand in the battles of the Great Patriotic War, on the industry of the city during the war years, the organization and deployment of evacuation hospitals in the city and, in general, the contribution of the Tajik people to the Great Victory over fascism.

Many factors played a role in the victory, but one of the main was the heroism and unity of the entire people of the former Soviet Union, to which the Tajik people also made a significant contribution. Tens of thousands of brave soldiers fought in battles, many of whom gave their lives for the freedom of their homeland. The working people of Khujand with their selfless work during the years of World War II inscribed a glorious page in the history of their native city.

**Key words:** *The Great Patriotic War, Soviet Union, Khujand, battlefields, rear workers, evacuation hospitals, industrial enterprises.*

**Сведения об авторе:** Бободжонова Муаззама Рахмаджоновна-преподаватель кафедры истории отечества и археологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. Телефон: (+ 992) 92 911 19 90. E-mail: muazzama_1990@mail.ru

**Information about the author:** Bobodjonova Muazzama Rakhmadzhonovna-lecturer at the Department of Fatherland History and Archeology, Khujand State University named after academician Bobodjon Gafurov. Telefon: (+ 992) 92 911 19 90. E-mail: muazzama_1990@mail.ru

УДК-9 (575.3)

# ҶАНГОВАРОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

**ТУРСУНОВ Б. Р., ШАРИПОВ М. М.,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Дар таърихи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон муҳимтарин давра ин солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст.Муаррихони даврони Шӯравӣ, дар оғози амалиёти ҷангӣ, роҳбарони давлатиро дар беъэтиборӣ ва тайёр накардани қувваҳои ҳарбӣ ба амалиёти ҷангӣ айбдор мекарданд. Имрӯзҳо бошад ба натиҷаи ҷанг, дар фазои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон баҳогузории гуногун мавҷуд аст. Дар оғози ҷанг ҳатто худи Иттиҳоди Шӯравиро, роҳбари он Иосиф Ҷугашвили Сталинро барои шарикӣ бо роҳбарӣ ба фашистон ва Адолф Гитлер айбдор намуда буданд. Он муҷассамаҳое, ки дар вақташ ба хотири ҷасорати саркардаҳо ва сарбозони Иттиҳоди Шӯравӣ дар роҳи озод намудани халқиятҳои Украина, Венгрия, Полша аз зулми фашистон сохта буданд, имрӯзҳо ошкоро вайрон карда мешаванд. Як равия дар мамлакатҳои Аврупо бо номи неофашистӣ ба вуҷуд омад, ки тарафдори ақидаҳои фашистӣ мебошад. Дар ҳамин фазо ҳақиқати ҳолро нишон додан, қадршиносӣ намудани хотираи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ хело ҳам муҳим мебошад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ягон оила дар Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон набуд, ки намояндааш дар ҷанг иштирок накарда бошад. Аҳолии ҳар як деҳа, шаҳр дар ин фоҷиаи асри XX иштирок карданд. Дар мақолаи мазкур муаллифон қарор доданд, то ки мухтасар оид ба вазъи сиёсӣ дар арафаи ҷанг, оғози он, корнамоии ҷанговарони Тоҷикистон дар майдони муҳорибаҳои ҳалкунандаи солҳои ҶБВ маълумот диҳанд.

Олмони фашистӣ ба ҷанг ҳамаҷиҳата тайёрӣ дида, сараввал тамоми Аврупоро ба тасарруфи худ даровард, ки давлатҳои мазкур низ барои амалӣ гардонидани мақсади ғаразноки фашистон хизмат карданд.Бо мақсади маълумоти дақиқ доир ба ҳолати ҳарбии ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ гирифтан, ҳавопаймоҳои Олмони фашистӣ аз моҳи январ то моҳи июни соли 1941 152 маротиба фазои сарҳадиро вайрон намуданд[1].Дар натиҷаи ин маълумоти ҳарбӣ-стратегӣ фашистон нақшаҳои ҳуҷуми худро мукаммал намуданд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ субҳи 22 июни соли 1941 оғоз ёфт ва то нисфирӯзӣ 1200 адад ҳавопаймоҳои Шӯравӣ нест карда шуд[2]. Олмон бо 191 дивизия ба сарҳади Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷум кард, ки аз он 153 дивизия бевосита аз қувваҳои ҳарбии фашистон иборат буд. Дигар дивизияҳо аз қисмҳои ҳарбии мамлакатҳои Аврупо иборат буд. Дар рӯзҳои

аввали ҷанг, шумораи умумии армияи Олмон 5 млн 500 ҳазор, қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бошад, 2 млн. 900 ҳазорро ташкил менамуд ва аз 170 двизия иборат буд [3].

Дар солҳои ҷанг аз Ватани азизамон 275 ҳазор нафар ба сафи Армияи Сурх даъват шудаанд, ки аз он ҷумла 68 ҳазору 695 нафар аз вилояти Ленинобод (Хуҷанд, ҳоло Суғд) буданд[4]. Синну соли аз 16-сола то 55-сола дар мамлакати Иттиҳоди Шӯравӣ ба фронт сафарбар гардид. Ба муносибати оғози амалиёти ҷангӣ дар қисмати Аврупоии Иттиҳоди Шӯравӣ сафарбарии ҳарбӣ эълон карда шуда. Аз соати 7:15-и рӯзи 22 июни соли 1941 қӯшунҳо ба ҳуҷум гузаштанд ва ба маҳв кардани душман фармон дода шуд. Танҳо 25 июн роҳбарият дарк кард, ки душман бошиддат ҳуҷум намуда, ба сӯи қисмати марказ рафта истодааст ва дар натиҷа барои ақибнишинӣ иҷозат дода шуд. 28 июн пойтахти Белорусия шаҳри Минскро фашистон пурра ишғол карданд. Танҳо 18 июл дар назди Смоленск ба қӯшунҳои фашистон аввалин зарба зада шуда, минбаъд қувваи душман ба сӯи Москва – пойтахти Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракатро идома дод.

Дар чунин ҳолати мушкил сохтори идоракунии давлатӣ тағйир ёфт. Кумитаи Давлатии Ҳарбӣ (ҚҲД) бо роҳбарии И.В. Сталин ташкил карда шуд, ки ба он рӯзҳои аввал ба монанди Молотов, Ворошилов, Маленков ва Берия аъзо буданд. Минбаъд ба сафи онҳо – Булганин, Каганович, Вознесенский ва Микоян ном роҳбарони Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатӣ аъзо шуданд. Дере нагузашта, И.В. Сталин фармондеҳии Вазорати мудофиаро ба зиммаи худ гирифт (19 июл)[5]. Иҷроиши ҳар як супориш, фармон ва супориши ҚҲД барои ҳамаи ташкилоти давлатӣ, ҳизбӣ ва ҳарбӣ маҷбурӣ буд ва дар мамлакат низоми давлатӣ имконият дод, ки дар муҳлати кӯтоҳ мувофиқи супориши ҚҲД аз 29 июни соли 1941, ҳамаи ҷабҳаи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият ба эҳтиёҷи фронт равона карда шуд. Вобаста ба масъалаи мазкур профессор Шарифов А. дар асари худ чунин ишора мекунад: «…16 августи соли 1941 барои семоҳаи чаҳоруми соли 1941 ва тамоми соли 1942 нақшаи махсуси хоҷагӣ барои минтақаҳои Поволже, Урал, Сибир, Қазоқистон ва Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна пазируфта шуда, онҳо вазифадор гардиданд, ки фронтро бо лавозимоти ҳарбӣ таъмин намоянд»[6]. Дар натиҷа аз моҳи июли соли 1941 то ноябри соли 1942 ба қисми шарқии мамлакат 1523 корхонаҳои саноатӣ кӯчонида шуд [7]. Аз ҷумла, ба Тоҷикистон 30 корхонаҳои саноатӣ кӯчонида шуд.

Барои ҳимояи марзу буми Ватан дар Тоҷикистони дивизияҳои савораи 20-ум ва 61-ум омода шуда, пурра ба фронт фиристода шуданд.

Аввалин муҳорибаи ҳалкунанда дар пойтахт–дар остонаи шаҳри Москва рӯй дод, ки фашистон дар ин муҳориба 1 млн. 800 ҳазор нафар аскар ва афсар, 1700 танк, 1390 самолёт, 14 ҳазор тӯпҳоро истифода бурданд. Дар навбати худ Иттиҳоди Шӯравӣ бар зидди душман 1 млн. 250 ҳазор аскару афсар, 900 танк, 7600 тӯп, 677 самолёт омода намуд. Аз ҷумла, диви-

зияи 20-уми кавалерияи Тоҷикистон низ дар сафи пеши аскарони Шӯравӣ қарор доштанд. Ин муҳориба аз сентябр то 6 декабри соли 1941 давом карда, Москва дар натиҷаи муҳорибаи шадид бомуваффақият ҳимоя карда шуд ва аз 6 декабр бо ҳуҷуми Қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо ғалаба хотима ёфт.

Ба Қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз сарлашкарони болаёқат Георгий Константинович Жуков сарварӣ менамуд.Лашкари душман дар ин муҳориба талафоти хеле калон дид.Яъне, аз 191 дивизияе, ки ба Иттиҳоди Шӯравӣ хиёнаткорона ҳуҷум карда буд, 75 дивизияи фашистон дар остонаҳои Москва ба таври пурра нобуд карда шуд. Дар майдони муҳорибаҳои шадид, ҷанговарони тоҷик ва тоҷикистониён мардонавор ҷангиданд, ки дар ин бобат дар асарҳои муаррихон ба таври возеҳ маълумоти бешумор мавҷуд аст. Танҳо аз дивизияи 20-уми саворaи Тоҷикистон дар ин набардҳо 150 нафар ҳамватанон сазовори ордену медалҳои ҳарбӣ гардиданд, ки боиси ифтихори мост.

Аз баҳори соли 1942, баъди мағлубият дар остонаи шаҳри қаҳрамони Москва, сарлашкарони фашистӣ нақшаи нав таъсис дода, ба сӯи ҷануб ба Сталинград ҳаракат намуданд. Дар ин самт аз ҷониби Олмони фашистӣ 80 дивизия сафарбар карда шуд, ки дар он зиёда аст 1 млн. нафар аскару афсар, қариб 10 ҳазору 300 тӯп, 675 танк, 1,5 ҳазор самолёт мавҷуд буд. Дар таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳорибаи Сталинград намунаи ибрат буда, ба туфайли фармондеҳони болаёқати Қӯшунҳои Армияи Сурх майдони муҳориба ба майдони калони машқи тактикаҳои нави ҳарбӣ табдил ёфт.Ба туфайли ғалабаи Қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар муҳорибаи Сталинград давраи гардиши бузурге дар таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рух дод. Дар амалиёти ҷангие, ки беш аз 200 рӯзи расо давом кард, фашистон 1 млн. 300 ҳазор нафар аскар ва афсарони худро аз даст доданд. 22 дивизияи онҳо бо сарварии фелдмаршал Паулус бе ҷанг таслим шуданд. Барои шуҷоат ва далерӣ дар муҳорибаи Сталинград, 300 нафар фиристодагони Тоҷикистон бо орден ва медалҳо мукофотонида шуданд.

Муваффақиятҳоро идома дода, Қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баъди 900 рӯзи муҳорибаҳо шаҳри қаҳрамони Ленинградро дар 12-18 январи соли 1943 аз душман озод карданд, дар моҳи феврали соли 1943 Қафқози Шимолӣ низ пурра аз душман озод карда шуд. Дар муҳориба барои Ленинград фарзандони ҷасури тоҷик – Ш.Иброҳимов ва Тешабой Одилов барои шуҷоат ва далерӣ ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ ноил шуданд.

Дар байни шаҳрҳои Курск ва Орёл ҳалқаи истеҳкомҳо барои мудофаи ин ҳудудҳо пайдо шуд, ки он номи «Камона»-ро гирифт. Фашистон бо мақсади аз нав ба даст гирифтани ташаббус амалиёти нави ҳарбиро бо мақсади ба даст даровардани шаҳри Курск оғоз карданд. Бо ин мақсад дар остонаҳои Курск қисми калони захираи ҳарбии худро сафарбар намуданд, ки он наздик аз 1 млн. аскару афсар, 10 ҳазор тӯп, 2,5 ҳазор танк ва 2 ҳазор самолёт иборат буд. Дар навбати худ аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин

муҳориба фронтҳои Марказӣ, Воронеж, Брянск ва Степной иборат аз 1 млн. 300 ҳазор аскару афсар, 19,1 ҳазор тӯп, 3444 танк, 2172 самолёт иштирок намуд. Ба туфайли роҳбарии моҳиронаи сарлашкарон, шуҷоат ва далерии Қӯшунҳои Шӯравӣ ин муҳориба ҳам бо мағлубияти фашистон хотима ёфт. Дар он Германияи фашистӣ бо 500 ҳазор аскару афсар, 3000 адад тӯп, 1 ҳазору 500 адад танк, 3 ҳазору 700 адад самолёти худро талаф дод. Дар майдони муҳориба садҳо нафар тоҷикистониён далерона иштирок карда, корнамоии бемислу монанд нишон доданд. Аз ҷумла, Ҳодӣ Кенҷаев, Исмоил Ҳамзаалиев барои далерӣ ва шуҷоат дар ин муҳориба соҳиби унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардиданд. Аз 12 июли 1943 Қӯшунҳои Армияи Сурх ба ҳуҷум гузашт ва то 5 августи 1943 душман 140-150 км дур ронда шуд. «Камонаи Курск» боз як саҳифаи қаҳрамонӣ дар саҳифаи таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад [8].

Қайд кардан зурур аст, ки шоиру нависандагони тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода, Абдушукур Пирмуҳамадзода Деҳотӣ ва ғайраҳо ҳам бо силоҳ ва ҳам бо қалам зидди душман мубориза бурданд. Устод Айнӣ бо мақолаҳои публитсистии худ нақшаҳои зишти фашизмро ошкор сохта, дар мисоли қаҳрамонони халқи тоҷик эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии мардумро пайваста бедор мекард.

Охирин ҷангҳои шадид дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ дар лаби дарёи Днепр рух дод, ки ин ҷанг дар соҳили дарё дар масофаи 700 км бо ҳуҷуми Қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар моҳи сентябри соли 1943 оғоз ёфт. Дар ин ҷангҳои шадид даҳҳо ҳазор нафар аскар ва афсарон аз ҳар ду тараф нобуд шуданд, фронтҳои Марказӣ, Воронеж, Степной, Ҷанубӣ-ғарбӣ, дар ин муҳориба фаъолона иштирок кард. Аз фарзандони ҷасури Тоҷикистон Д. Азизов, Ҳ. Қосимов, М. Новоселсев, А. Гордеев, Н. Аникин, С. Турдиев, К. Қаюмов, У. Ёқубов, Б. Давлатов, И. Дводненко, В. Батурин дар муҳорибаи Днепр барои корнамоии худ ба унвони баланд – Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ ноил гаштанд. Тӯйчӣ Эржигитов дар фронти Волхов октябри соли 1943 бо тани худ пулемёти фашистонро пӯшида, ҳалок гашт. Барои ин шуҷоат ва корнамои нотакрор ба ӯ унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Мо имрӯз ҳақ дорем бо як ҷаҳон ифтихору сарбаландӣ иброз намоем, ки фарзандони шарафманди Тоҷикистон низ беш аз 260 ҳазор нафар дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолона иштирок карда, дар ин Ғалабаи Бузург саҳми босазо гирифтаанд. Барои қаҳрамониҳои бемисл ва шуҷоату мардонагӣ зиёда аз 54 нафар [9] бо унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ, 15 нафар бо се дараҷаи ордени «Шараф» ва даҳҳо ҳазори дигар бо ордену медалҳои ҷангӣ сарфароз гардидаанд.

Ҳамин тавр, бо далерӣ, ҷасорат, ба Ватан муҳаббат ва садоқат халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар майдони ҷанг корнамоии зиёд нишон додаанд. Дар натиҷаи заковати сарлашкарон ва қаҳрамонии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ

аз ҷумла, тоҷикон ва тоҷикистониён, дар охири соли 1943 аввали соли 1944 ҳудудҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аз душман пурра озод гардид.

Қаҳрамониҳои ин ватандӯстон барои тарбияи ҷавонони имрӯза дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва ҳувияти миллӣ аҳаммияти калон дорад.

## АДАБИЁТ


1. Боффа Дж. История Советского Союза. В двух томах. Том 2. – М.: Международные отношения, 1990. – С. 15.
2. Боффа Дж. История Советского Союза. В двух томах. Том 2. – С.25.
3. Боффа Дж. История Советского Союза. В двух томах. Том 2. – С.24.; Аҳмадов Ш.А. Саҳми Тоҷикистон дар фронт ва оқибгоҳ (1941-1945). – С.22.
4. Аҳмадов Ш.А. Саҳми Тоҷикистон дар фронт ва оқибгоҳ (1941-1945). – Хуҷанд, 2000. – С.22.
5. Боффа Дж. История Советского Союза. В двух томах. Том 2. – С. 30.[1]
6. Аҳмадов Ш.А. Саҳми Тоҷикистон дар фронт ва оқибгоҳ (1941-1945). – Хуҷанд, 2000. – С.6-7.
7. История Великой Отечественной Войны Советского Союза. Том 2. – М., 1962. – С. 142-143.
8. История Ленинабада. – Душанбе, 1986. – С. 361-362.
9. Баъзе аз муаррихон шумораи онҳоро 60-нафар низ нишон додаанд // https://mvd.tj/index.php/tj/az-ta-rikhi-militsiya/23490-sa-mi-khal-i-to-ik-dar-alabai-angi-buzurgi-vatanii-sol-oi-1941-1945-санаи муроҷиат 10.04.2020.


## ҶАНГОВАРОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ


Дар мақола яке аз даврaҳои вазнини таърихи Иттиҳоди Шӯравӣ ва РСС Тоҷикистон-солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон, инчунин яке аз давраҳои муҳимми он - солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сухан меравад. Роҳбарияти он давраи Иттиҳоди Шӯравӣ бо сарварии Иосиф Ҷугашвилӣ – Иосиф Виссарионович Сталин, дар оғози ҳуҷуми ногаҳонии фашистон, дар мамлакат бо душворӣ кӯчонидани одамон ва корхонаҳои муҳимро бадал намудан имконият фароҳам оварданд. Тоҷикистониён якҷоя бо халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла русҳо, дар фронт ва як қатор муҳорибаҳо далерона иштирок карда, ба ҳамагон намунаи ибрат гардиданд. Дар муҳорибаҳои шадиди шаҳрҳои Москва, Сталинград, Курск, Ленинград даҳҳо нафар ҳамватанони мо бо русҳо, украинҳо, белорусҳо бар зидди фашистон ҷанг карда дар таъмини Ғалабаи бузург ҳиссаи худро сарбаландона гузоштаанд.



**Калидвожаҳо:** *Иттиҳоди Шӯравӣ, тоҷикон ва тоҷикистониён, Германияи фашистӣ, корнамоӣ, ҷанговарони тоҷик, муҳорибаи Москва, Сталинград, Ленинград, Курск.*


## ВОИНЫ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННО ВОЙНЫ


В статье рассмотрен один из сложных периодов истории Советского Союза и Таджикской ССР – годы второй мировой войны, один из основных ее этапов – годы Великой Отечественной войны. Руководители Советского Союза во главе Иосифом Джугашвили – Сталином, с началом неожиданного нападения фашистов, по возможности смогли эвакуировать людей из стратегически важных объ-

ектов промышленности. Таджикистанцы вместе с народами Советского Союза, в том числе с русскими на фронтах, в сражениях активно участвовали и проявили героизм показав пример другим. В сражениях под Москвой, Сталинградрм, Курском и Ленинградом десятки соотечественники вместе с русскими, украинцами, белорусами боролись против фашистов и внесли свою лепту в Великую Победу.

***Ключевые слова:*** *народы Советского Союза, таджики и таджикистанцы, фашистская Германия, героизм таджикских воинов под Москвой, Сталинградом, Ленинградом и Курском.*

**WARRIORS OF TAJIKISTAN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR**

The article considers one of the difficult periods in the history of the Soviet Union and the Tajik SSR - the years of the Second World War, one of its main stages - the years of the Great Patriotic War. The leaders of the Soviet Union, headed by Joseph Kugashvili-Stalin, with the start of an unexpected attack by the Nazis, were able to evacuate people and strategically important industrial facilities whenever possible. The Tajiks, together with the peoples of the Soviet Union, including Russians on the fronts, actively participated in the battles and showed heroism to others, setting an example. In the battles of Moscow, Stalingrad, Kursk and Leningrad, dozens of compatriots in a place with Russians, Ukrainians, Belarusians fought against the Nazis and drew their contribution to the Great Victory.

**Key words:** *peoples of the Soviet Union, Tajiks and Tajiks, fascist Germany, heroism of Tajik soldiers near Moscow, Stalingrad, Leningrad and Kursk.*

**Сведения об авторах:** Турсунов Б.Р.-кандидат исторических наук, доцент кафедры истории Отечества и археологии Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафуров, Шарипов М.М.-преподаватель кафедры истории Отечества и археологии Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафуров.
**Information about the authors:** Tursunov B.R.-Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of the History of the Fatherland and Archeology of the Khujand State University named after academician B. Gafurov, Sharipov M. M.-Lecturer of the Department of the History of the Fatherland and Archeology of the Khujand State University named after academician B. Gafurov.

УДК-378(575.3)(09)

# ДДОЛ БА НОМИ С. М. КИРОВ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)

**МАҲМУДОВА Н. Х., ИКРОМОВ Н. А.,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ки 1418 шабонарӯз давом карда 9 майи соли 1945 бо ғалабаи музаффаронаи халқи советӣ анҷом ёфт, дар таърих бо ҳарфҳои заррин ва носутурданӣ сабт гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: “Дар таърихи тӯлонии ҳаёти башарият рӯйдодҳое ба вуқӯъ пайвастанд, ки бузургӣ ва шаҳомати онҳо бо

гузашти замон боз ҳам бештар мегардад. Рӯзи Ғалаба бар фашизм аз ҷумлаи ҳамин рӯйдодҳои фаромӯшнопазир аст"[3,5].

Давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо Германияи фашистӣ дар солномаи ДДОЛ ба номи С.М. Киров (ҳоло МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров") бо саҳифаҳои ҷовидонӣ сабт гардидааст. Ҳайати омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони донишкада мисли тамоми меҳнаткашони мамлакат аз рӯзҳои аввали ҷанг ҳаёту фаъолияти худро ба талаботи замони ҷанг мутобиқ гардонида буданд. "Ғалаба аз они мост!" чунин буд, хабаре, ки 1 июли соли 1941 дар газетаи вилоятии "Стахановец" чоп шуда муаллифи он омӯзгори донишкада Н.С. Иванов доир ба ҷамъомаде ки 23 июни соли 1941 дар донишкада баргузор гардида буд хабар додааст. "Ҷамъомад аз ҷониби котиби Кумитаи ҳизбии ДДОЛ Карим Дадабоев кушода эълон гардид. Сипас, сарвари донишкада А.Е. Месенжников ҳозиронро бо Изҳороти ҳукуматӣ доир ба ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германияи фашистӣ ба кишвари мо шиносонида, фармонро дар хусуси ҷорӣ намудани низоми ҳарбӣ дар минтақаҳои муайяни мамлакат қироат кард"[2,37]. Дар митинг омӯзгорон Аббос Алиев, Б.М.Комаров, М.И.Стаменова донишҷӯён Пономарёв , Л. Дранникова паси ҳам баромад карда, дар роҳи ҳифзи Ватан омода будани худро изҳор намудаанд: «Ман ба Армияи Сурх меравам,-иброз дошт хатмкунанда Н.Понамарёв,-то нафаси охирин меҷангам ва агар лозим шавад, ҷонамро фидо менамоям. Мурдан беҳ аз бандагии нангин. Ватани маҳбуб – СССР-ро ҳимоя менамоям». Донишҷӯи факултети таърих Л. Драникова чунин даъват ба амал овард:«Чӣ тавр ба Ватан ёрӣ расонем? Занҳои Ватани мо ҳамеша ҳамқадами мардон буданд.Ба зудӣ бояд курсҳои ҳамшираҳои шафқат ва маҳфилҳои усули дифоъ аз ҳуҷуми ҳавоӣ ташкил дода шаванд. Мо ҳозирем ба ҷанговарон ёрӣ расонида, дар ҳар маврид онҳоро иваз намоем.Ҳама духтаронро даъват мекунам, ки имтиҳонҳоро пеш аз муҳлат супорида, ба маҳфилҳои ҳарбӣ аъзо гарданд»[1,66].

Ҷомеаи ДДОЛ ба номи С. М. Киров бо як эҳсоси баланди ватандӯстӣ ба муборизаи умумихалқӣ бар зидди фашистони истилогар ҳамроҳ гардид. Шиори умумихалқии «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!», ки мазмун, моҳият ва рӯҳияи замонро ифода менамуд, ҳаёти донишкадаро ба маҷрои нав ворид сохт.

Санаи 26 июни соли 1941 ҷамъомади навбатии омӯзгорон, донишҷӯён, кормандони донишкада баргузор гардида, нақшаи азнавсозии корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, хоҷагӣ, корҳои ҷамъиятӣ-ташвиқотӣ дар шароити ҷанг баррасӣ гардид. Ҷамъомади мазкур қарор қабул кард:

1.Бинобар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамаи кафедраҳои донишкада, комитети комсомол, иттифоқи касаба бояд фаъолияти худро вобаста ба замони ҷанг мутобиқ намоянд. То 28 июн нақшаҳои азнавсозии кафедраҳо ба қисми таълим супорида шавад.

2.Ба кафедраи асосҳои марксизм ленинизм супориш дода шуд, ки гурӯҳи ташвиқоту тарғиботчиёнро омода намоянд, то ки дар байни халқ корҳои тарбиявӣ-сиёсиро пурзӯр намоянд.

3.Ба кафедраи адабиёт супориш шуд, ки дар асоси асарҳои классикони адабиёт маърӯзаҳои характери ватандӯстӣ доштаро омода намоянд.

4.Ба муҳаррири газетаи девории донишкада супориш шуд, ки ҳар ҳафта дар газета оид ба ҳаёт ва фаъолияти донишкада дар замони ҷанг хабарҳо чоп намояд.

Ҳамин тариқ, ҳаёти донишкада ба талаботи замони ҷанг мутобиқ гардонида шуда дар нақшаи корӣ ва ҳисоботи кафедраҳо боби алоҳида "Бозсозии кафедраҳо тибқи талаботи замони ҷанг" дохил карда шуд. Шиори умумихалқии "Ҳама чиз барои ғалаба, ҳама чиз барои фронт!" раҳнамои фаъолияти ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишкада гардида буд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба тарбияи ҳарбӣ ватандӯстии донишҷӯён диққати махсус дода мешуд.Ба нақшаи таълимии ҳамаи ихтисосҳо курсҳои махсуси нав, ки бо масъалаи ҳарбӣ алоқамандӣ дошт ҷорӣ гардид. Масалан, кафедраи таърих чунин курсҳои махсусро ба монанди: "Ҷанги Бузурги Ватании халқҳои ИҶШС бо фашистони истилогар", "Ҷангномаи халқи рус", "Методикаи ташкили корҳои маърифатӣ сиёсӣ дар Армияи Сурх", кафедраи табиатшиносӣ барои растанишиносон, факултативҳои "Бактериология","Таъсири рӯҳии моддаҳои заҳролудкунандаи биологӣ ва роҳҳои мудофиа аз он"-ро мехонданд. Ба нақшаи таълимии факултети физика ва математика чунин мавзӯъҳо дароварда шуда буданд: "Робитаи электрикӣ дар кори ҳарбӣ", "Астрономияи ҳавоӣ ва баҳрӣ", "Олоти оптикӣ дар кори ҳарбӣ", "Назарияи тирандозӣ", "Алоқаи барқ дар замони ҷанг", "Аэродинамика"-ро меомӯхтанд. Кафедраи забон ва адабиёти рус ба донишҷӯёни курсҳои болоӣ дар мавзӯи "Идея ва образҳои ватандӯстӣ дар адабиёти рус ва халқҳои ИҶШС" курси махсус тайёр карда буд [5,16].

Моҳи августи соли 1941 Комитет оид ба кори мактабҳои олии назди ШКХ ИҶШС барномаи нави тарбияи ҷисмонӣ ва тайёрии ҳарбиро тасдиқ кард, ки мувофиқи он ҳамаи донишҷӯён аз рӯи барномаи омӯзиши умумӣ ва ҳайати афсарони хурд тайёрии ҳарбӣ мегузаштанд. Машғулияти кафедраи ҳарбиро асосан афсарони аз фронт маҷрӯҳ шуда омада бо сардории подполковник Г.И. Нехороших мегузарониданд.

Санаи 30 июни соли 1941 бо воситаи газетаи вилоятии "Стахановец" донишҷӯйдухтарон Л.Дранникова, М.Сербулова, Г. Брянтсева хоҳиши дар курсҳои ҳамшираи шавқат хонданро изҳор намуданд.Онҳо навишта буданд, ки "ҳодисаҳои мудҳиши ҷанг моро ором гузошта наметавонад. Мо аз ташкилоти ҷамъиятӣ хоҳиш менамоем, ки курсҳои махсуси тайёр кардани ҳамшираҳои шавқат ва кружокҳои аҳаммияти ҳарбӣ-мудофиавӣ доштаро барои занҳо ташкил намоянд".Дере нагузашта чунин курсҳо

ташкил шуданд, машғулиятҳоро бо донишҷӯён духтури донишкада муаллими фанни гистология А. И. Данский мегузаронид.

Дар асоси Қарори ШКХ РСС Тоҷикистон ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон 13 январ омӯзиши корҳои кишоварзии донишҷӯён оғоз ёфт. Вобаста ба ин таътили зимистона барҳам дода шуд. Дарсҳо шабона рӯз дар миён ба миқдори як соат мутобиқи ҷадвали дарсӣ мегузаштанд.

Барои ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятӣ, таълимиву тарбиявӣ омӯзгорон ва кормандони зерини донишкада вобаста шуда буданд:

Ба гурӯҳи комбайнчиён-С.Ю. Мадаминов, гурӯҳи тракторчиён-В.Н. Богданов, А. Сатторов, ба гурӯҳи ронандагон-М. А. Носиров, ба гурӯҳи ронандагони омӯзгор, кормандон ва хизматчиён-Л.К.Токмаков, ба гурӯҳи тухмпошон-Д.М.Мисишин, ба гурӯҳи обмонон-З. Осимов, ба гурӯҳи каландкунандагон ва чинакчиёни пахта-М. Тоҷибоев, ба гурӯҳи култиваторон-Ф.М.Гудимович роҳбарӣ мекарданд. Инструкторони гурӯҳҳо Ҳакимов, Аҳмадов, Тоҷибоев таъин шуда буданд. Инъикоси рафти корҳои агробиологӣ ва кишоварзӣ ва нашри онҳо ба зиммаи Б.М. Комаров ва В.С. Шардаков вогузор шуда буд.

Ҷомеаи донишкада пурра ба кори таълим ва меҳнати ақибгоҳ сафарбар гардида буд. Махсусан, фаъолияти чинакчиёни «тиллои сафед» бо шиддат пеш мерафт.Дар рӯзномаи вилоятии «Стахановчӣ» ва «Стахановец» аз рӯзгори чинакчиёни ҷомеаи ДДОЛ зуд-зуд мақолаву хабарҳо ба табъ мерасиданд. М. Виноградская дар хабари хеш зери унвони «Донишҷӯён дар пахта», ки дар рӯзномаи «Стахановец» 23 октябри соли 1942 ба табъ расида буд, менависад: «Донишҷӯён ва омӯзгорони донишкада нақшаи ҳаррӯзаи чиниши пахтаро 120-125 % ба иҷро мерасонанд» [1-76].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ донишкадаро Л. Е. Месежников (солҳои 1938-1942), К.В. Чикорин (солҳои 1942-1944) ва аз соли 1945 Мақсудҷон Мирмуллоев роҳбарӣ намуда буданд. Дар солҳои ҷанг ҳайати омӯзгоронро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин буд:

1.Онҳое, ки аз рӯзҳои аввали ташкилшавии донишкада фаъолият доштанд (Б.М. Комаров, А.А. Диброва, М.Ф. Коновалова ва дигарон);

2.Омӯзгорони ҷавон, зиёиёни маҳаллӣ, аввалин хатмкардагони донишкада ( З.Осимов, М.Акрамов, А. Атаев, Т.Ҳомидов ва дигарон);

3.Омӯзгороне, ки аз донишгоҳҳои Россия ва Украина омада буданд пурра намуданд.

Дар ҳуҷҷате, ки соли 1942 дарҷ шудааст гуфта мешавад: ин гуна баҳамоии қувваҳои муаллимон барои донишкада манфиатнок буд. Муаллимони мактабҳои олии Украина, Россия, ки таҷрибаи корӣ ва дониши хуб доштанд ба баланд шудани сифати таълим нақши бориз гузоштанд.Масалан, ба кафедраи физика-математика профессор Б.М. Яновский, ба кафедраи таърих М.Е. Беркович, ба кафедраи адабиёти рус номзади илмҳои филологӣ А.А. Волков, ба кафедраи математика номзади

илмҳои физикаю математика Г.И. Герасимчук мудир таъин шуданд.Дар донишкада профессор Г.Н. Гассовский, номзадҳои илм Н.Г. Зуева, А.И. Липкина, Д.И. Кузнетсов ва дигарон фаъолият мебурданд. Ҳамагӣ соли 1942 дар институт 3 профессор, 10 номзади илм ва 30 нафар омӯзгорон фаъолият доштанд.

Дар солҳои ҷанг шумораи донишҷӯён аз сабаби ба сафи Армияи Сурх даъват шудан якбора паст фаромада буд. Масалан то санаи 1-уми октябри соли 1941 дар шуъбаи рӯзона ҳамагӣ 79 нафар донишҷӯ дар шуъбаи шабона бошад 49 нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд. Дар охири соли хониши 1941-1942 теъдоди донишҷӯён 50 фоиз кам шуда ба 43 нафар расида буд. Дар шуъбаи рӯзонаи ДДОЛ дар оғози соли таҳсили 1942-1943 145 нафар таҳсил мекарданд, ки дар охири сол аз онҳо 69 нафар боқӣ монданд. Дар гурӯҳҳои таълимӣ аз 3 то 8 нафар дар баъзе гурӯҳҳо ҳатто 1 нафар таҳсил мекард. Муддати таҳсил дар донишкада аз 4 сол ба 3 сол фароварда шуд.

Мувофиқи вазъи 25-уми декабри соли 1941 дар тамоми донишгоҳ якҷоя бо Институти муаллимтайёркунӣ 505 нафар донишҷӯён, аз ҷумла 272 нафар дар шуъбаи ғоибона,184 нафар дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекарданд. Боқимондагон дар шуъбаи шабона мехонданд. Агар соли 1941 донишгоҳро 149 нафар хатм карда бошанд, пас давоми солҳои таҳсили 1942-104 нафар, 1943-38 нафар, 1944-35 нафар ва 1945-28 нафар ба итмом расониданд. Сабаби костани теъдоди хатмкунандагон, бешубҳа натиҷаи ба сафҳои Армияи Сурх сафарбар шудани донишҷӯён маҳсуб меёфт.

9 феврали соли 1943 дар Шӯрои ДДОЛ директори донишкада Л.Е. Месежников оид ба натиҷаҳои нимсолаи якуми соли хониши 1941-1942 ҳисобот дода, зикр карда буд, ки новобаста ба шароити вазнини ҷанг дар ҳамаи факултетҳои донишгоҳ нақшаи таълим 99,1 фоиз иҷро гардид. Аз 165 нафар донишҷӯён дар охири сессия 28 нафар (17%) баҳои аъло, 59 хубу аъло, 98 нафар (58%) баҳои гузаришро соҳиб шуданд [1,57].

Дар солҳои мудҳиши ҷанг дар баробари таълим ва тарбия ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ диққати аввалиндараҷа дода мешуд.Устодону донишҷӯён мавзӯъҳои кори илмии худро ба талаботи замони ҷанг мутобиқ сохта, барои омӯхтани захираҳои табиӣ, геологӣ, иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори ҳарбӣ ва мудофиавии мамлакат равона сохта буданд.

Дар ҳисоботи ДДОЛ оид ба иҷрои нақшаи КИТ барои соли 1941 дар байни тадқиқотҳои илмии анҷомёфта корҳои В.И. Зюганова «Доир ба мундариҷа ва усулҳои таълими таърих дар мактабҳои миёна алоқамандона бо ҷанги ватании СССР ба муқобили Германияи фашистӣ», М.А. Носиров «Мавзӯи мудофиа дар таълими табиатшиносӣ дар мактаб», Р.А. Абдуллоев «Мавзӯи мудофиа дар таълими ҷуғрофия дар мактаб» номбар карда шуданд. И.С. Малявин дар мавзӯи «Харитаи ҷангӣ» дастури методие барои муаллимони мактабҳои миёна мураттаб сохт. Солҳои 1941-1942 муаллими кафедраи педагогика Н.К. Довидов мавзӯи «Корҳои

мудофиавӣ дар мактаб»-ро тадқиқ менамуд.Номзади фанҳои педагогӣ, мудири кафедра А.П. Кнопкин соли 1943 мавзӯи «Кори роҳбари синф дар шароити Ҷанги Бузурги Ватанӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дод. Дар давоми ин солҳо аз тарафи методистон мавзӯъҳои «Таълими таърихи нав дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (В.И. Зюганова), «Унсурҳои кори мудофиа дар таълими физикаи мактаби миёна» (Т.Ҳ. Ҳомидов), «Масъалаҳои марбут ба мудофиа аз риёзиёт» (А.Н. Довидов) ва «Тарбияи ватандӯстӣ дар таълими хониши адабӣ» (М.И. Стаменова) ба таҳқиқ расиданд. Дар тӯли соли 1942-1943 6 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторӣ муваффақона ҳимоя гардида буд.

Моҳи январи соли 1943 дар донишкада дар мавзӯи «Истифодаи заҳираҳои табиии Тоҷикистони Шимолӣ дар саноати республика» конфронси илмӣ гузаронида шуд. Кафедраҳои институт ҷустуҷӯҳои илмию эҷодии худро ба мавзӯҳое равона сохтанд, ки аҳаммияти бевоситаи мудофиавӣ ва ё ҳоҷагии халқ доштанд. Доир ба проблемаҳои ҷиддии илмӣ ҳамчунин директори донишгоҳ Л.Е. Месенжников, файласуф С.Б. Морочник, таърихчиён В.Зюганова, А.Е. Маҷӣ ва Р.Б. Гренадер, мудири кафедраи физика, профессор Б.М.Яновский, аъзои ҳамин кафедра Н.Г. Зуева, мудири кафедраи педагогика дотсент А.П. Конопкин, филологҳо Ф. Абдуллозода, И.С. Фрейдкина, Е.С. Бражников, А.А. Волков (минбаъд адабиётшиноси машҳури советӣ, доктори илмҳои филологӣ), Е.М.Вал, М.И. Стаменова, С.Н. Фадеев, А.Мирпочоев, А.Орифов, М.Турсунов, М. Явич, биолог Б.С. Шардаков, географ Р.А. Абдуллоев, психолог Л.К. Токмаков ва дигарҳо кор мекарданд. Умуман, дар солҳои ҷанг олимони донишкада дар болои 64 номгӯи мавзӯъ кори илмӣ мебурданд.

Рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» аз 27 феврали соли 1942 дар яке саҳифаҳояш чунин нивишта буд: «Кафедраҳои ДДОЛ ба номи С.М.Киров ҳамаи корҳои илмиашонро мутобиқи шароити замони ҷанг аз нав ба роҳ монданд, ки ба ҳалли амалии вазифаҳои муҳим нигаронида шудааст. Кафедраи табиатшиносӣ ва химия барои Комбинати шоҳибофӣ ба ҷои ранг дигар моддаеро дарёфт кард, ки он ба ҷои ранги аз дигар ҷумҳуриҳо овардашаванда кор фармуда мешавад. Кафедраи физика бошад, барои ҳалли масъалаи ба амал ҷорикунии обёрикунӣ ба воситаи таранҳои гидравликии заминҳои колхозӣ камари ҳиммат бастааст».

Соли 1945 дар ҳаёти ДДОЛ ба номи С. М. Киров воқеаи хурсандибахш рух дод. Нахустин шуда аз байни оўзгорони таҳҷоии миллӣ О. Орифов дар шаҳри Тошканд диссертатсияи номзадиро аз рӯи ихтисоси филологияи ӯзбек ҳимоя кард.

Дар солҳои ҶБВ ҷомеаи донишкада чун тамоми мардуми Шӯравӣ ба фронт кӯмаки худро мерасониданд. Ҳанӯз соли 1941 ба Фонди мудофиа музди меҳнати якрӯзаи устодону кормандон дар ҳаҷми 10800 сӯм ирсол гардида буд. Барои сохтани қатораҳои танкии “Коммунисти Тоҷикистон” - 7.647 сӯм, “Омӯзгори Тоҷикистон” 7.647 сӯм маблағ ҳамагӣ барои фонди

мудофиа 37.233 сӯм ҷамъоварӣ гардида буд. Устодон ва донишҷӯён барои ҷамъоварӣ ва ба фронт фиристодани сару либос, маводи хӯрока, меваи хушк ва кӯмак ба маъюбони ҷанг ва аъзои оилаи сарбозон фаъолона ширкат меварзиданд.

Бо супориши ташкилоти комсомолӣ донишҷӯён ду госпитали ҳарбиро ки дар шаҳр ташкил шуда буд ба шефӣ гирифта буданд.

Ҳамин тариқ, институт дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ имтиҳони камолотро бошарафона паси сар кард. Дар зарфи чор сол дар шароитҳои ниҳоӣ (ғайриодӣ) тайёр кардани мутахассисони ботаҷриба боз ҳам муташаккил ва муттаҳид гашт. Донишкадаи мазкур бешубҳа баҳри ғалаба аз болои фашизми Германия саҳми босазои худро гузоштааст.

### АДАБИЁТ


1. Абдуллоев С. А, Х. Х. Холджураев. Худжандский государственный университет: история, документы иего люди.-Худжанд.,1997. 464 стр.
2. Ғафурҷони Мирҳайдар. Каъбаи дили ман.-Хуҷанд.,2007.267 стр.
3. Ёдбуди қаҳрамонон.-Хуҷанд.,2015. 92стр.
4. История Ленинабада.-Душанбе.,1986. 571стр. (373 военое дело).
5. Каримов С. Н., Ғ.Ҳ.Ҳайдаров. Кохи фарҳанг.-Хуҷанд.,1992. 57стр.
6. Маҷмӯаи идона.25 сол.-Ленинабад.,1958. 127 стр.
7. Хамидов Р. Я. Старейший институт Таджикистана.-Душанбе.,1966.85стр.


## ДДОЛ БА НОМИ С. М. КИРОВ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)


Дар мақола сухан дар бобати фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии ДДОЛ ба номи С.М. Киров дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) меравад. Зикр мешавад, ки аз рӯзҳои аввали оғози ҷанг ҷомеаи меҳнатии донишкада шиори “Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!”-ро сармашқи фаъолияти худ қарор дода, бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ба муборизаи умумихалқӣ бар зидди фашистони Германия ҳамроҳ гардид. Ҳаёти донишкада ба талаботи замони ҷанг мутобиқ гардонида шуд.Ба нақшаи таълимии ҳамаи ихтисосҳо курсҳои махсуси нав, ки бо масъалаи ҳарбӣ алоқамандӣ дошт ҷорӣ гардид. Дар солҳои мудҳиши ҷанг дар баробари таълим ва тарбия ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ диққати аввалиндараҷа дода мешуд. Устодону донишҷӯён мавзӯъҳои кори илмии худро ба талаботи замони ҷанг мутобиқ сохта, барои омӯхтани захираҳои табиӣ, геологӣ, иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори ҳарбӣ ва мудофиавии мамлакат равона сохта буданд. Зикр мешавад, ки саҳми ДДОЛ ба номи С.М. Киров дар ғалаба бар фашизми Германия хеле назаррас аст.



**Калидвожаҳо:** *ДДОЛ ба номи С.М. Киров, солҳо,Ҷанги Бузурги Ватанӣ,1941-1945,фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, донишкада, шиор, муборизаи умумихалқӣ, бар зидди фашистон, Германия,замони ҷанг,нақшаи таълимӣ, ҳамаи ихтисосҳо, курсҳои махсуси нав, масъалаи ҳарбӣ.*


## ЛГПИ ИМЕНИ С. М. КИРОВА В ГОДЫ ВОЙНЫ (1941-1945)

В статье рассматривается вопрос о состоянии ЛГПИ им. С.М. Кирова в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). Отмечается, что с первых дней войны трудовое сообщество института под девизом «Все для фронта, все для победы» присоединилось к общенациональной борьбе против нацистской Германии с сильным чувством патриотизма. Жизнь института была адаптирована к требованиям войны. Новые специальные курсы связанные с военным делом были введены в учебные планы всех специальностей. В страшные годы войны наряду с образованием приоритет отдавался также научным исследованиям. Преподаватели и студенты адаптировали темы своей научной работы к требованиям войны и сосредоточились на изучении природных, геологических, экономических ресурсов и укреплении обороноспособности страны. Отмечается, что вклад ЛГПИ имени С.М. Кирова в победу над немецким фашизмом значителен.

**Ключевые слова:** *ЛГПИ имени С.М. Кирова, годы, Великая Отечественная война 1941-1945 гг., Просветительская деятельность, институт, лозунг, общенациональная борьба, против фашизма, Германия, военное время, учебная программа, все специальности, новые спецкурсы, военные вопросы.*

## LGPI NAMED AFTER S. M. KIROV DURING THE WAR (1941-1945)

The article considers the state of the Leningrad State Pedagogical Institute. C.M. Kirov during the Great Patriotic War (1941-1945). It is noted that from the first days of the war, the institute's labor community, with the motto "Everything for the Front, Everything for the Victory," joined the nationwide struggle against Nazi Germany with a strong sense of patriotism. The life of the institute was adapted to the requirements of the war. New special courses related to military affairs were introduced into the curricula of all specialties. In the terrible years of the war, along with education, priority was also given to scientific research. Teachers and students adapted the topics of their scientific work to the requirements of the war and focused on studying the natural, geological, economic resources and strengthening the country's defense capabilities. It is noted that the contribution of the Leningrad State Pedagogical Institute named after S.M. Kirov's victory over German fascism is significant.

**Key words:** *DDOL named after S.M. Kirov, years, Great Patriotic War 1941-1945, Educational activities, institute, slogan, nationwide struggle, against fascism, Germany, wartime, curriculum, all specialties, new special courses, military issues.*

**Сведения об авторах:** Махмудова Назира Солиходжаевна-кандидат исторических наук, дотсент, заведущая общеуниверситетской кафедрой истории таджикского народа ГОУ "Худжандского Государственного Университета имени академика Бободжона Гафурова".Икромов Назирхон Ашурбоевич-кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Худжандского государственного университета имени Бободжона Гафурова.

**Information about the authors:** Makhmudova Nazira Solikhodzhaevna, Candidate of Historical Sciences, Dotsent, Head of the University Department of the History of the Tajik People of the Khujand State University named after Academician Bobodzhon Gafurov.Ikromov Nazirkhon Ashurboevich - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Tajik State University, Khujand State University named after Bobojon Ghafurov.

УДК-001(575.3)(09)

# ОЛИМАҲОИ ТОҶИК-МУҲАҚҚИҚОНИ МАВЗӮИ «ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНИИ СОЛҲОИ 1941-1945»

**ЗОКИРОВА З. А.,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Таърихи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 яке аз саҳифаҳои дурахшону пуршараф ва пур аз қаҳрамонию далерӣ ва дар айни замон марҳалаи душвор ва фоҷиаомези мардуми собиқ ИҶШС ба ҳисоб меравад.

Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин натиҷаи корнамоӣ ва фидокориҳои бемислу монанди тамоми мардуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла фиристодагони Тоҷикистон буд. Бояд қайд кард, ки яке аз омилҳои асосии ғалаба аз болои Олмони фашистӣ ин дӯстӣ, бародарии воқеӣ ва мустаҳкам, ватандӯстии ҳақиқии тамоми мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёфт.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шиори машҳури «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!» мазмун, ҳадаф ва моҳияти зиндагӣ ва кору пайкори тамоми миллату халқиятҳои собиқ ИҶШС-ро ифода менамуд. Қаҳрамонони набард дар майдони ҷанг бо далерию мардонагӣ ва ҷонисорӣ, диловарони меҳнат дар ақибгоҳ бо фидокорию меҳнати шуҷоатноки худ рӯзи Ғалабаро наздик мекарданд. Дар таъмини Ғалабаи Бузург саҳми тамоми мардуми Шӯравӣ, аз ҷумла фарзандони далеру шуҷои Тоҷикистон хеле бузург аст.

Корнамоӣ, мардонагию далерии мардони шуҷои Ватан дар майдони ҷанг ва меҳнати диловаронаи мардум дар ақибгоҳ сазовори эҳтиром, омӯхтан ва ибрат гирифтан аст.

Таҳқиқу омӯзиш, таблиғу ташвиқи шуҷоату мардонагӣ ва далерии фарзандони банангу номуси Тоҷикистон дар майдони ҷанг ва меҳнати диловарона дар ақибгоҳ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва муҳимму муқаддаси муаррихон, муҳаққиқон, рӯзноманигорон, адибон, кормандони бойгониҳо ва осорхонаҳои таърихию кишваршиносӣ маҳсуб меёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикотии худ бахшида ба ҷашни 64-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ маҳз ба қаҳрамонию далерии фиристодагони Тоҷикистон дар майдони ҷанг ва меҳнати шуҷоатноки мардум дар ақибгоҳ ишора намуда, таъкид карда буданд: «Ҳоло даврони истиқлол аз мо тақозо менамояд, ки ҳаёту рӯзгори чунин қаҳрамонону далеронро омӯзем ва ба дигарон омӯзонем. Зеро ҷоннисории онҳо дар майдони набард барои насли ҷавони миллат дарси матонату шуҷоат, ватандорию ватанпарастӣ, намунаи ҷасорат

ва хислатҳои инсонӣ буда, барои бунёди ҷомеаи навини мо ва тарбияи насли созанда дар рӯҳи ватанхоҳиву фидокорӣ мусоидат менамояд» [6].

Мавзӯи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), далерию мардонагии фарзандони содиқи Ватан дар майдони набард ва шуҷоати диловарони меҳнат дар ақибгоҳ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон, адибон, рӯзноманигорон ва дигар зиёиёни эҷодкор қарор гирифта, дар ин хусус рисолаву тадқиқотҳо, китобҳо, очеркҳо, повесту романҳо ва мақолаҳои бешумори бадеӣ интишор шудаанд.

Таърихи давраи ҷанг дар тадқиқоти ҷамъбастӣ ва бунёдӣ, китобҳои дарсӣ, рисолаву маҷмӯаҳои ҷашнӣ ва тадқиқоти мухталиф васеъ инъикос ёфтааст [1].

Ба мавзӯи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шуҷоати сарбозони Ватан дар майдони муҳориба ва фидокории мардум дар ақибгоҳ, саҳми мардуми тоҷик дар Ғалаба даҳҳо рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, ба мисоли Абдуллоев А., Болотов Г. Л., Долгонос Х. Г., Маҳкамова М., Мухторова Г. А., Қобилов А.Я.,Қурбонов Ф., Одинаев А., Пак Н.П., Раҳимов С., Рустамов А., Сечкина Л. П., Турсунов А., Усмонов Ҷ., Усмонов У., Шарипов Ҳ. ва ғайра бахшида шудаанд [2].

Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар тадқиқоти алоҳида ва рисолаву китобҳо, мақолаҳои сершумори муаллифони гуногун, аз ҷумла Б. Ғафуров ва Н. Прохоров, Протопопов Д. З., Б. Искандаров, Р. Масов, Ғ. Ҳайдаров, Ш. Аҳмадов, Р. Набиева, Н. Ҳотамов, М. Зикриёева, А. Қобилов, А. Турсунов, Н. П. Пак, А. Рустамов, А. Н. Секретов, Р. Сафаров, М. Маҳкамова, С. Назарова, В. Нежинский, Ҳ. Шарифов, И. Муҳаммадиев, М. Бозорбоева ва М. Бобохонов, Ф. Қ. Қараев, А. Имомёрбеков ва даҳҳо дигар муҳаққиқон инъикоси худро ёфтааст [3].

Саҳми бонувони муҳаққиқ дар ташаккул ва рушду нумӯи илми таърих ва таърихнигорӣ дар Тоҷикистон хеле бузург аст. Бонувони муаррих дар ҷодаи ташаккул ва ривоҷу равнақи илми таърих, пажӯҳиши самту равия ва давраҳои гуногуни он, аз ҷумла бостоншиносӣ, санъатшиносӣ, таърихи асрҳои миёна, давраи наву навтарин саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар таҳқиқу омӯзиши таърихи даврони Шӯравӣ ва ҷанбаҳои гуногуни он саҳми муқаққиқони шинохта, аз қабили К.А. Богомолова, Р.А. Набиева, М. Зикриёева, Л.П. Сечкина, З.М. Шевченко, М. Хонсуварова (яке аз аввалин номзадҳои илм аз байни бонувони маҳаллӣ), Т.К. Каширина, З. Богуманова, С. Каримова, С. Раҷабова, В. Дзидзишвили, Ш. Данилченко, С. Абдуллоева, В.М. Николаева ва ғайраҳо бузург аст.

Таърихи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ва фаъолияти он дар самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ дар тадқиқотҳои Н. Ғафурова, В.М. Ионова, Б.Н. Гутнитская, С. Назарова, С. Турсунова, М.С. Шупикова, Х. Бобоева ва дигарон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор ёфтааст.

Дар баробари таҳқиқу омӯзиши давраҳои гуногуни таърихи даврони Шӯравӣ бонувони муаррих мавзӯи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, қаҳрамонии фиристодагони Тоҷикистон дар майдони набард ва меҳнати шуҷоатноки мардуми тоҷик дар ақибгоҳ ва саҳми мардуми Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба аз болои фашистони Олмонро мавриди пажӯҳиши худ қарор додаанд ва дар ин ҷода саҳми шоистаи худро гузошта, дар ғанӣ гардонидани таърихнигории мавзӯи мазкур саҳми шоиста доранд.

Ба мавзӯи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бевосита саҳми занони тоҷик дар таъмини ғалаба аз болои фашизм чанд рисолаҳои номзадӣ ва тадқиқотҳои бонувони муаррих бахшида шудааст. Аз бонувони муаррих Л.П. Сечкина, Г. Мухторова, М. Маҳкамова дар ин мавзӯъ рисолаҳои номзадӣ ҳимоя намуда [4], дар тадқиқотҳо, китобҳо ва мақолаҳои бонувони дигари муаррих низ мавзӯи мазкур инъикоси худро ёфтааст.

Яке аз муҳаққиқони машҳур ва сермаҳсули таърихи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, корнамоии фиристодагони Тоҷикистон дар муҳорибаҳои ҷангӣ, меҳнати фидокоронаи мардум дар ақибгоҳ ва саҳми мардуми тоҷик ва Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба аз болои фашизми Олмон дар байни олимаҳои муаррих, доктори илмҳои таърих Л.П. Сечкина маҳсуб меёбад. Ба қалами ин бонуи муаррих чанд рисолаҳои муҳимму калонҳаҷм ва даҳҳо мақолаҳои пурарзиш тааллуқ доранд ва таълифоти ӯ дар илми таърихнигории тоҷик доир ба таҳқиқу пажӯҳиши мавзӯи Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми шоиста ба ҳисоб меравад [5].

Соли 1961 Л.П. Сечкина натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиши чандсолаи худро ҷамъбаст намуда, дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар мавзӯи «Корнамоиҳои меҳнатии халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуд.

Рисолаи мазкур як сол пеш аз тариқи нашриёти “Дониш”-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назари муаррихи шинохтаи тоҷик, академик З. Ш. Раҷабов интишор гардида буд [5].

Рисолаи мазкур муқаддима, панҷ фасл, хулоса, ҷадвали санаҳои муҳимми таърихии давраи ҷангро дар бар мегирад.

Дар рисола дараҷаи омӯхта шудани (историографияи) мавзӯъ, ҳуҷуми аҳдшиканонаи Олмони фашистӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва сафарбарии қувваи халқи тоҷик ба ҷанги ватанӣ, корнамоии меҳнатии синфи коргар ва колхозчиёни тоҷик, кӯмаки Тоҷикистон ба фронт ва сарзаминҳои аз фашистон озодшуда, вазъи илму фарҳанг, санъат, маориф, тандурустии тоҷик дар давраи ҷанг ва ғайра мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

Минбаъд ин олимаи пуркор ҷустуҷӯ ва пажӯҳиши худро дар ин самт идома дода, як қатор тадқиқотҳо ва мақолаҳои калонҳаҷмро нашр намуд [5].

Соли 1960 рисолаи Л.П. Сечкина бо номи «Шӯҳратмандон. (Дар бораи Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ-фиристодагони ҶШС Тоҷикистон)» ба забони русӣ дар шаҳри Душанбе аз нашр баромад.

Дар ин рисола сухан дар бораи фарзандони қаҳрамони Тоҷикистон меравад, ки дар набардҳои ҷанг далериву мардонагӣ нишон дода, ба гирифтани унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гашта буданд [5].

Ба ифтихори 40-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) рисола дигари пурарзиши Л.П. Сечкина таҳти унвони «Қаҳрамонони ту, Тоҷикистон. Дар бораи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон, ки сазовори унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ» шудаанд соли 1985, дар нашриёти «Маориф»-и Душанбе нашр гардид [5].

Дар ин рисола дар бораи 63 нафар фиристодагони Тоҷикистон, ки ба унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гаштанд, маълумоти шавқовар дода мешавад.

Бонуи муаррих Л.П. Сечкина солҳои минбаъд чун муҳаққиқи собитқадам доираи тадқиқотҳои худро бахшида ба мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) вусъат дода, чандин рисолаҳо ва мақолаҳои бузургҳаҷми худро интишор намуд [5].

Тадқиқотҳои Л.П. Сечкина марбут ба мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) фарогири мавод ва маълумоти хеле ғанӣ ва нодири бойгонӣ, далелҳои наву тоза ва ҷолибу шавқоваранд.

Умуман гирем, тадқиқот ва таълифоти сершумори ин муҳаққиқ ва бонуи муаррихи пуркор дар таърихнигорӣ ва инъикоси таърихи давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар илми таърихнигории тоҷик ва собиқ Шӯравӣ саҳми арзанда мебошад.

Рисолаҳои номзадии ду нафар бонувони-муаррих М. Маҳкамова ва Г. Мухторова ба корнамои меҳнатӣ, шуҷоати занони тоҷик дар соҳаи саноат ва кишоварзӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) бахшида шуда, муҳаққиқони номбурда саҳми занони тоҷикро дар таъмини ғалабаи мардуми Шӯравӣ аз болои фашистони Олмон бо далелу рақамҳо ва ҳуҷҷатҳои нодиру эътимодбахш инъикос намудаанд [4].

Соли 1980 нашриёти «Ирфон» тадқиқоти бонуи муаррих, номзади илмҳои таърих Сайлигул Назароваро бо номи «Занони Осиёи Миёна дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» аз нашр баровард [3, ниг., Назарова С.].

Дар ин рисола оид ба корнамоии меҳнатии занони Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), таъсиси фонди мудофиа ва ҷамъоварии маблағ, сару либоси гарм, маводи хӯрока ва дигар лавозимоти зарурӣ барои фронт, фаъолияти ҷамъиятию сиёсии занони Осиёи Миёна дар ақибгоҳ ва ғайра сухан меравад.

Албатта, таҳлил ва инъикоси саҳми бонувони муаррих дар таҳқиқу омӯзиши мавзӯи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), диловарию мардонагии фарзандони Тоҷикистон дар майдони

набард ва меҳнати шуҷоатноки мардум дар ақибгоҳ ва саҳми Тоҷикистон дар таъмини Ғалабаи Бузург дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳаҷми як мақолаи маҳдуд аз имкон аст. Мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ, ҷустуҷӯ, пажӯҳишҳои ҷиддии минбаъдаро тақозо дорад ва ин масъала мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши муфассали минбаъда қарор хоҳад гирифт.

## АДАБИЁТ


**1.** История таджикского народа.Т.3.Кн.2.-М.: 1965; История таджикского народа Т. 6. Новейшая история (1941-2010 гг.). Под общей ред. Академика Р. М. Масова.-Душанбе: Империал-Групп, 2011; Советский Таджикистан в Отечественной войне 1941-1945 гг.-Душанбе: Дониш, 1975; Коммунистическая партия Таджикистана в годы Великой Отечественной войны.-Душанбе: Ирфон, 1983; История Таджикской ССР.-Душанбе, 1963; История Таджикской ССР. (Под ред. Б.А. Антоненко).-Душанбе: Маориф, 1989, Материалы Республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 50-летию Победы Советской Армии над фашистской Германией на тему: «Таджикистан в Великой Отечественной войне».-Душанбе: Дониш, 1995; Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны.-Душанбе,1974 ва ғайра.

**2.** Абдуллоев Р. Ленинабадская область в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 1985; Болотов Г.Л. Деятельности Коммунистической партии Таджикистана по военно-патриатическому воспитанию трудящихся (1939-1945гг.).-Душанбе, 1971; Долгонос Х.Г. Партийная организация Таджикистана во главе социалистического соревнования в промышленности в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-М.: 1965; Кабилов А.Я. Партийная организация Таджикистана в годы Великой Отечественной войны Советского Союза.-М.: 1953;Курбанов Ф. Из истории развития среднего педагогического образования в годы Великой Отечественной войны.-Душанбе,1974; Махкамова М. Коммунистическая партия Таджикистана-организатор трудового подвига женщин в промышленности в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 1982; Мухторова Г.А. Колхозницы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.)-Душанбе, 1973; Одинаев А. Научная и творческая интеллигенция Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 2013; Рахмонов М. Организаторская и политическая деятельность Компартии Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. –Душанбе, 1965; Пак Н.П. Советы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 1985; Рустамов А. Таджикский народ в годы Великой Отечественной войны 1941-1945гг.-Сталинабад, 1954; Сечкина Л.П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны. –Душанбе, 1960; Турсунов А. Комсомол Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. –М.: 1965; Усманов Дж. Героический труд таджикского народа в годы Великой Отечественной войни. –Сталинабад, 1955; Усманов У. Идейно-политическая работа Коммунистической партии Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. –Фрунзе, 1971; Шарипов Х.А. Участие воинов Ленинобадской области на фронтах Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 1989 ва ғайраҳо.

**3.** Абдуллоев Р. Меҳнаткашони Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.-Душанбе: Ирфон,1999.-96с.; Аҳмадов Ш. Саҳми Тоҷикистон дар фронт ва ақибгоҳ (1941-1945).-Хуҷанд: Ношир, 2010.-190с.; Бозорбоева М., Бобохонов М. Сарбозони шуҷоъ.-Душанбе: Ирфон, 1989.-144с.; Гафуров Б.Г., Прохоров Н. Борьба таджикского народа против чужеземных захватчиков и поработителей // Наше дело правое, враг будет разбит. –Сталинабад: Таджикгосиздат,1942.-С.34-73; Гафуров Б.Г., Прохоров Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины. Очерки из истории таджиков и Таджикистана. –Сталинабад: Таджиксгосиздат, 1944.-212с.; Ғафуров Б., Прохоров Н. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан.-Душанбе: Адиб, 2012.-256с.; Зикриёева М. Истириография проблемы женщин Таджикистана. Автореф. докт. диссерт.-

Душанбе, 2012.-48с.; Кабилов А. Парторганизация в борьбе за поднятие трудовой и политической активности колхозного крестьянства в годы Великой Отечественной войны// Ученые записки Ленинабадского госпединститута (ЛГПИ) имени С.М.Кирова.-Вып.1.-Ленинабад, 1957.-С.27-43; Кабилов А. Самоотвержений труд работников науки и искусства Таджикистана в годы Великой Отечественной войны //Ученые записки Ленинабадского госпединститута (ЛГПИ) имени С.М. Кирова.-Вып.7.-Ленинабад, 1958.-С.113-126;Кабилов А. Самоотвержений труд работников науки и искусства Таджикской ССР в годы Великой Отечественной войны.-Ленинабад,1985; Масов Р.М. Историография социалистического сельского хозяйства в Таджикистане. –Душанбе: Дониш, 1974.-127с.; Масов Р.М. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны. (Историографический обзор) //Советский Таджикистан в Отечественной войне (1941-1945).-Душанбе: Дониш, 1975; Масов Р.М. История исторической науки и историография социалистического строительства в Таджикистане. –Душанбе: Дониш, 1988.-319с.; Муҳаммадиев И. Сипари қонун ва адолат. Саҳми Прокуратураи тоҷик дар таъмини ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945).-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2014.-180с.; Протопопов Д.З. Таджикистан в годы священной войны.-Сталинабад: Таджиксгосиздат, 1961; Набиева Р.А. Занони Тоҷикистон дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ// Материалы Республиканской конференции, посвященной 50-летию победы Советской Армии над фашистской Германией на тему: «Таджикистан в годы Великой Отечественной войне».-Душанеб: Дониш, 1995.-С.82-84; Назарова С. Занони Осиёи Миёна дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.-Душанбе: Ирфон, 1980.-180с.; Нежинский В. Сыны Таджикистана.-Сталинабад, 1946; Махкамова М. Трудовой вклад женщин Таджикистана в великую победу.-Ленинабад, 1982; Рустамов А., Искандаров Б. Подвиги воинов Таджикистане на фронтах Великой Отечественной войны Советского Союза // Материалы к истории таджикского народа в советский период. Сб. статей.-Сталинабад: Таджискиздат, 1954.-С.311-345; Рустамов А. Партийно-политическая работа среди воинов –таджиков в годы Великой Отечественной войны// Ученые записки Таджикского сельхозинститута. Сер. Общест. Наук.-1964.-Т.9.-Вып.2.; Сафаров Р., Сафар Амиршоев.-Душанбе,1974; Сафаров Р. Ҳазору як корнома.-Душанбе, 2000; Секретов А.Н. Войны Таджикистана – участники партизанского движения // Таджикистан в братской семье народов СССР. –Душанбе, 1972; Секретов А.Н. Участие воинов Таджикистана в освободительной миссии Советской Армии в годы Великой Отечественной войне // Советский Таджикистан в Отечественной войне (1941-1945гг.).-Душанбе: Дониш, 1975; Секретов А.Н. Войны-посланцы советского Таджикистана в Великой Отечественной войне (На материалах районов Гиссарской долины).-Душанбе: Дониш, 1978.-111с.; Секретов А.Н. Боевая слава Таджикистана. –Душанбе: Ирфон,1995; Турсунов А. Трудовая доблесть сельской молодежи Таджикистана в годы Великой Отечественной войны // Ученые записки Ленинабадского госпединститута (ЛГПИ) имени С.М. Кирова.-Вып. 7.-Ленинабад, 1958.-С.127-158; Турсунова Л. Н., Ботурова И.В. Таджикистан в период Великой Отечественной войны (библиография) //Советский Таджикистан в Отечественной войне (1941-1945гг.).-Душанбе:Дониш, 1975.-С.152-189; Усмонов Ҷ. Ходимони илм ва маданияти Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ // Коммунисти Тоҷикистон.-1955.-№11.-С.35-43; Усмонов Ҷ. Меҳнати қаҳрамононаи халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги ватанӣ (1941-1945).-Сталинобод, 1960; Усманов Дж. Печать Таджикской ССР в период Великой Отечественной войны.-Душанбе,1962; Усманов Дж. В годы великой битвы.-Душанбе:Ирфон, 1963; Хайдаров Г.Х. Годы громовые (1941-1945). О вкладе согдийцев в победу в Великой Отечественной войне.- Худжанд: Нури маърифат, 2005324с.; Ҳотамов Н.Б. Қаҳрамонии фиристодагони Тоҷикистон дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ // Материалы Республиканской конферецproperии, посвященной 50-летию победы Советской армии над фашисткой Германией на тему: «Таджикистан в Великой Отечественной войне».-Душанбе: Дониш, 1995.-С.77-82; Ҳотамов Н.Б. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (солҳои 1941-1950).-Душанбе, 2010.-80с.; Шарифов Ҳ. Оинаи рӯзгори сарбозон.(Таърихи матбуоти ҳарбии тоҷик).-

Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2003.-219с.; Шарифов Ҳ. Мардони палангошӯб.-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба ном Раҳим Ҷалил, 2004.-440с.

**4.** Махкамова М. Коммунистическая партия Таджикистана-организатор трудового подвига женщин в промышленности в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 1982; Мухторова Г. Колхозницы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.).-Душанбе, 1973; Сечкина Л.П. Трудовай подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны.-Сталинабад, 1961.

**5.** Сечкина Л.П. Промышленности и сельское хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.) //Материалы к истории таджикского народа в советский период. Сб. статей.-Сталинабад: Таджисгосиздат, 1954.-С.348-381; Сечкина Л.П. Патриотический подъем трудящихся Таджикистана в первые месяцы Великой Отечественной войны (июнь-декабрь 1941г.) //Извест. АН Таджикской ССР. Отд-ние общест. Наук.-1956.Вып.8.-С.69-79; Сечкина Л.П. Из истории промышленности Ленинабадской области в годы Великой Отечественной войны 1941-1945гг. // Извест. АН Тадж. ССР. Отд-ние общест. Наук.-1957.-№13.-С.21.37; Сечкина Л.П. Трудовые подвиги молодежи Таджикистана в годы Великой Отечественной войны // Извест. АН Тадж. ССР. Отд-ние общест. Наук.-1958.-№3.-С 53-70; Сечкина Л.П. Овеянные славой. (О героях Советского Союза-посланцах Таджикской ССР).-Душанбе, 1960.-177с.; Сечкина Л.П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны.- Сталинабад: Издат-во АН Тадж. ССР, 1960.-205с.; Сечкина Л.П. Рабочий класс Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.)//История рабочего класса Таджикистана.-Душанбе: Ирфон, 1972; Сечкина Л.П. Новые данные о Героях Советского Союза-посланцах Таджикистана // Таджикистан в братской семье народов СССР.-Душанбе: Ирфон, 1974.-С.119-126; Сечкина Л.П. Доблестные сыны Таджикистана на фронтах Отечественной войны.-Душанбе, 1980; Сечкина Л.П. Участие трудящихся Таджикистана в защите социалистического отечества в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.)// Торжество ленинской национальной политики в Таджикистане.-Душанбе: Дониш, 1984.-С.181-189; Сечкина Л.П. Твои Герои, Таджикистан. Об участниках Великой Отечественной войны из Таджикистана, удостоенных звания Героя Советского Союза.-Душанбе: Маориф, 1985.-240с. Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945.-Душанбе: Дониш, 1989.

**6.** Эмомалӣ Раҳмон. Сипосе, ки рамзи шуҷоат ва ватандӯстист: Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 64-умин солгарди Ғалаба//Садои мардум.-2009.-13 май.

## ОЛИМАҲОИ ТОҶИК-МУҲАҚҚИҚОНИ МАВЗӮИ «ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНИИ СОЛҲОИ 1941-1945»

Мақолаи мазкур ба инъикоси мавзӯи «Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» дар асарҳои олимаҳои муаррихи тоҷикистонӣ бахшида шудааст.

Муаллифи мақола дар такя ба асарҳои офаридаи олимаҳои тоҷик моҳият ва мазмуни мавзӯи интихобкардаашро мавриди таҳлил қарор додааст. Таваҷҷуҳи хоса ба асарҳои Л.П. Сечкина, С. Назарова ва дигарон, ки ба корномаҳои ҷангии тоҷикистониён ва меҳнати фидокоронаи халқи тоҷик дар ақибгоҳ бахшида шудаанд, дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ, ҷустуҷӯ, пажӯҳишҳои ҷиддии минбаъдаро тақозо мекунад.

**Калидвожаҳо:** *Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Олмони фашистӣ, галаба, олимаҳои тоҷик, илму таърих ва таърихнигорӣ.*

## ТАДЖИКСКИЕ УЧЕНЫЕ ЖЕНЩИНЫ ИССЛЕДОВАТЕЛИ ВОПРОСОВ «ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ 1941-1945 гг.»

Данная статья посвящена освещению проблемы «Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945 гг.» в трудах таджикистанских женщин-учёных историков.

Автор опираясь на опубликованные труды женщин-учёных раскрывает сущность и содержании избранной темы. Особое внимание уделяется трудам Л.П. Сечкиной, С. Назаровой и других, посвященных героизму таджикистанцев на фронте и трудовому подвигу таджикского народа в тылу. Автор подчёркивает, что данная тема нуждается в дальнейшем серьёзном исследовании.

**Ключевые слова:** *Великая Отечественная война, фашистская Германия, победа, таджикские женщины-учёные, историческая наука и историографии.*

## TAJIK SCIENTIST WOMEN RESEARCHERS OF THE ISSUES "TAJIKISTAN IN THE YEARS OF THE GREAT PATRIOTIC WAR 1941-1945."

This article is devoted to the coverage of the problem "Tajikistan during the Great Patriotic War of 1941-1945." in the works of Tajik women scholars of historians.

The author, relying on the published works of women scientists, reveals the essence and content of the chosen topic. Particular attention is paid to the works of L.P. Sechkina, S. Nazarova and other dedicated to the heroism of the Tajik people at the front and the labor feat of the Tajik people in the rear. The author emphasizes that this topic requires further serious research.

**Key words:** *World War II, fascist Germany, victory, Tajik women scientists, historical science and historiography.*

**Сведения об авторе:** Зокирова Зухро Абдурозиқовна-старший преподаватель, Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова. (+992) 919-988079.E-mail:zokirova89-89@mail.ru

**Information about the author:** Zokirova Zuhro Abdurozikovna-Senior Lecturer, Khujand State University named after Bobojon Gafurov. (+992) 919-988079. E-mail: zokirova89-89@mail.ru

УДК-9 (575.3)

# КОРНАМОИИ ОЙГУЛ МУҲАММАДҶОНОВА ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

**НЕЪМАТУЛЛОЕВА М. Ҳ.,**
**докторанти МДТ ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров**

Донишҷӯи Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон Ойгул Муҳаммадҷонова, баъд аз хатми Техникуми авиатсионӣ фавран ба полки авиатсионӣ, ки дар атрофи шаҳри Смоленск воқеъ буд, фиристода шуд. Ин тоҷикдухтари шуҷоъ борҳо дар майдони ҷанг ҷонбозиҳо карда 97

маротиба ба сӯи душман бо самолёти худ парвоз кардааст.Барои ин қаҳрамониҳо ба ӯ ордени Ленин дода буданд.

Занони меҳнаткаш дар ҳамаи давраҳои тараққиёти сотсиалистии Давлати Шӯравӣ, нақши калон бозидаанд. Дар задухӯрдҳои сохти револютсионӣ барои ба даст овардани ҳокимият, дар мубориза барои саноатикунонӣ ва коллективонии хоҷагии қишлоқи мамлакат, дар ҷангҳои шадид бар зидди босмачиён ва дар меҳнати осоиштаи бунёдкорона онҳо бо мардон паҳлӯ ба паҳлӯ истода, корнамоӣ кардаанд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳам онҳо дар ҳарбу зарбҳои бемислу монанд ба муқобили фашизм вазифаи ватанпарваронаи худро сарфарозона адо намудаанд.

Субҳи 22 июни соли 1941 Олмони фашистӣ аҳдшиканона ба мамлакати мо ҳуҷум овард. Меҳнати осоиштаи мардуми Шӯравӣ қатъ гашт. Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфт. Халқи Шӯравӣ ба муборизаи муқаддаси зидди фашистони истилогар бархост.Илҳомбахш ва ташкилотчии ин мубориза Ҳизби Коммунистӣ буд.

Ҳукумати Шӯравӣ дар худи ҳамон рӯз ба халқ муроҷиат намуда, одамони Шӯравиро даъват кард, ки дар атрофи ҳизби ленинӣ боз ҳам зичтар муттаҳид гарданд ва дар корҳои худ интизоми оҳанин ва муташаккилӣ нишон диҳанд, барои бо ҳамаи чизҳои зарурӣ таъмин намудани фронт фидокорона меҳнат кунанд.

Занону духтарони Тоҷикистон низ бо якҷоягии тамоми халқҳои мамлакатамон якдилона ба ҳифзи Ватани азизамон бархостанд. Дар майдонҳои ҷанги хонумонсӯз ва дар ақибгоҳ чунон ғайрат, шуҷоат ва диловарӣ нишон доданд, ки таърихи башарият амсоли онро дар саҳифаҳои худ қайд накардааст [1].

Соли равон халқи тоҷик 75-солагии Ғалаба бар Германияи фашистиро ҷашн мегиранд. Дар ин ғалабаи бузург ҳиссаи занони тоҷик калон аст. Вақте ки Германияи фашистӣ ба мамлакати мо аҳдшиканона ҳуҷум кард, занону духтарони Тоҷикистон якҷоя бо тамоми халқҳои Иттифоқи Шӯравӣ дар як саф истода, ҳам дар фронт ва ҳам дар ақибгоҳ дар торумор гардонидани душман қаҳрамониҳо нишон доданд.

Аз рӯзҳои аввали ҷанг ҳазорон нафар занону духтарони Тоҷикистон талаб мекарданд, ки онҳо ихтиёрӣ ба фронт фиристода шаванд. Танҳо дар давоми як шабонарӯз ба Комиссариати ҳарбии шаҳри Душанбе беш аз 200 нафар ариза супориданд. Зиёда аз 19 нафар комсомолдухтарон, донишҷӯёни Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Тарас Григоревич Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) чунин навиштанд: "Душманони тамоми инсоният–фашистони Германия ба хоки Ватанамон зер карда даромаданд. Хоҳиш мекунем, ки аз мо дружинаи ҷанговаронаи санитарӣ ташкил намоед. Қавл медиҳем, ки дар муҳориба баробари мардон ба муқобили душман меҷангем". Ин гуна аризаҳо хеле зиёд буданд. Танҳо дар моҳҳои июну июли соли 1941 ба Комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 10 ҳазор нафар занону духтарон

ариза навиштанд. Ҳамаи онҳо қайд мекарданд, ки тайёранд ихтиёрӣ ба фронт раванд. Дар байни онҳое, ки ариза навиштаанд ҳамшираҳои тиббӣ, муаллимаҳо, духтурон, агрономҳо, тракторчиён ва занони касбу кори гуногун буданд.

Занону духтарони диловари ҷумҳурӣ на танҳо дар муҳорибаҳои шадиди назди Москва, Сталинград, Курск, Ленинград, Одесса, Киев иштирок намуданд, балки барои озод намудани як қатор мамлакатҳои Аврупо низ ҷасурона ҷангиданд.Номи комсомолка Ойгул Муҳаммадҷонова ҳамчун лётчики диловар дар саҳифаҳои таърихи меҳан абадӣ дохил гардидааст. Ӯ барои мардонагӣ ва корнамоиҳояш бо ордени Ленин мукофотонида шудааст [2].

Ойгул Муҳаммадҷонова то солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур) ки он вақтҳо дар шаҳри Ленинобод воқеъ буд, таҳсил мекард. Дар рӯзҳои аввали ҷанг ӯ барои ихтиёрӣ ба фронт рафтан ба комиссариати ҳарбӣ ариза дода, дар он чунин навиштааст: “Дар ин солҳои сахти ҷанг мехоҳам Ватани азизи худро аз фашистон то қатраи охирини хун муҳофизат кунам. Барои то ҳадди охирин зада маҳв кардани душман мубориза мебарам”.

Ойгул дар соли 1943 Техникуми авиатсиониро хатм намуд. Баъд ӯ ба полки авиатсионии гвардиягӣ, ки дар хатти пеши ҷанг амал мекард, рафт. Дар бораи аввалин парвози ҷангии ӯ командири гурӯҳи киштии ҳавоӣ В. Лапко моҳи октябри соли 1943 дар рӯзномаи “Коммунист Таджикистана” таҳти сарлавҳаи “Духтари сиёҳмӯй” чунин навиштааст: “Мо аз замини холӣ гузашта, муддате дар болои бешазори анбӯҳ парвоз кардем ва баъд ба хатти фронт расидем. Самолёте, ки онро Ойгул идора менамуд, дар звенои ман аз тарафи чап парвоз мекард. Ман ба парвози звенои худ, хусусан лётчикдухтари навомада бодиққат назар мекардам. Вале, Ойгул самолётро ба таври аъло пеш мебурд. Ӯ ягон бор аз саф набаромад, ягон дақиқа ҳам баландии парвозро вайрон накард. Дар ин рӯзҳо бисёр парвоз кардан лозим меомад. Самолётҳои мо нуҳта- нуҳта шуда, дар як рӯз якчанд маротиба ба он ҷое, ки артиллерияи гуногунмилат хатти истеҳкомҳои душманро вайрон мекард, ба он ҷое, ки тӯдаи танкҳои мо барои дивизияҳои тирандозӣ роҳ мекушод, парвоз мекарданд.

Мувофиқи фармони командири полк старшина Мамадҷонова ба иҷрои вазифаҳои лейтенант Петроваи ҳалокгашта таъин шуда буд.

Айнан пеш аз ба штурм парвоз кардан мо бо рафиқи ҷангии нави худ шинос шудем,-нақли худро давом медиҳад, капитан В.Лапко,- Муҳаммадҷоноваро ба звенои ман фиристониданд. Мо медонистем, ки Ойгул Техникуми авиатсиониро навакак тамом кардааст ва ҳанӯз таҷрибаи ҷангӣ надорад. Эскадриляи мо саросар аз лётчикҳои куҳнаи ҷангие иборат буд, ки онҳо якчандтогӣ орден доштанд. Дар сафи мо аз рӯзҳои аввалини ҷанг ду Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ меҷангиданд.Мо аз замин канда шуда дар он сӯи ҷангал саф оростем ва парвозкунон рост

ба хатти фронт рафтем. Ойгул аз фланги чап мерафт. Вай сафро вайрон накарда хеле нағз парвоз мекард [3].

Дар назди хатти фронт ба звенои мо “Миссерҳои” душман ҳамла карданд. Мо ба ҳимоякунии якдигар гузаштем. Мана дар ҳамин ҷо Ойгул аз имтиҳони ҷангӣ гузашт”. Ӯ аз пулемёт моҳирона тирпарронӣ карда, як самолёти қиркунандаи душманро зада ғалтонд, дуюмашро вайрон кард, ки баъд онро тирандози ман низ зада ғалтонд.

Мо ба болои истеҳкомҳои душман наздик шудем ва борҳои марговарро партофта, гитлерчиёнро тирборон кардан гирифтем. Бисёре аз онҳо дигар ҳаргиз тир холӣ карда натавонистанд ва абадӣ аз дунё чашм пӯшиданд.

Дар ҳамин ҷангҳо тирандози самолёти Ойгул ҳалок гардид, худи ӯ аз китфаш захмдор шуд. Ғайр аз ин асбоби идоракунӣ аз кор баромада, самолёт қариб буд, ки чаппа шуда афтад ва лётчик ҳалок гардад. Аммо Ойгул бо як муъҷизакории ба худ хос самолётро аз зери оташи душман баровард ва ба мавқеи қисмҳои худ баровардa расонд”.

Парвози якуми ҷангии худро комсомолдухтар Ойгул ҳамин тавр ба ҷо овард. Баъд аз ин то тирамоҳи соли 1943 Ойгул боз 92 парвози ҷангӣ карда, ба шаъну шарафи ҷовидонӣ ёр шуд.Ин вақт сари синаи ӯро мукофоти олӣ-ордени Ленин оро медод.

Ин аст он чизе ки мо дар бораи Ойгул медонем. Ходими калони илмии Институти таърихи Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон Л.П.Сечкина чанд бор дар матбуот баромад карда, дар бораи ёфтани нақшаи гумшудаи ҳаёти ӯ ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ муроҷиат намуд. Дар ин бора дар рӯзномаи “Тоҷикистони Советӣ” низ мақола чоп шуда буд.

Мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ боис шуд, ки бисёре аз муаллимон ва мутахасисонро низ маҷбур ба тарки вазифа сохт ва ба ин тартиб шароити таълим нобуд шуд. Ин вазъи нодурусти таълим баъзе аз муассисаҳои хайрияи хориҷиро водор сохт, ки дар ин бахш барномаҳоеро рӯи даст гиранд. Аз он ҷумла, як муассисаи ғайридавлатии кишвари Туркия дар вилоятҳои мухталифи кишвар ба таъсиси мактабҳои таҳти унвони мактабҳои “Ориёно-Афғон-Турк” пардохт. Ин мактабҳо писаронро аз синфи шашум пас аз сипарӣ кардани имтиҳони давлатӣ мепазируфтанд ва дар ин мактабҳо тамоми имконоти омӯзиш ба низоми пешрафта ба кор гирифта шуда буд. Дар барномаи таълимии мактабҳои улуми динӣ, забонҳои туркӣ, англисӣ ва арабӣ низ таълиму тадрис дода мешуд, устодон дар бисёре аз фанҳои таълимӣ ба ёрии компютер, низоми муосири омӯзишро ба шакле, ки дар Афғонистон ҳаргиз собиқа надошт пеш мебурданд. Ба ин мактабҳо аз тарафи як созмони исломӣ дар дохили Туркия бо роҳи ҷалби мусалмонон, кӯмакҳое сурат мегирифтанд.

Устодони туркии ин мактабҳо ботақво ва мутахассис дар улуми динӣ буданд [6, 23].

Дар ибтидо иҷозаи таъсиси ҳар гуна мактаб бо заҳмати зиёд аз «Толибон» гирифта шуд ва баъдан кори он мактабҳо ба сурати муваффақона пеш рафта, аммо ба мурури замон «Толибон» шурӯъ ба мудохила дар кори он мактабҳо намуданд ва мушкилоти бисёреро халқ карданд. Масъулини мактабҳои туркӣ дар муқобили ҳар маҳдудият аз инъитоф кор гирифтанд. Аз ҷумла, мудохилоти Вазорати таълиму тарбия ин буд, ки системаи имтиҳони давлатиро барои дохилшавӣ дар ин мактабҳо аз байн бурд. Зеро масъулини Вазорат истидлол мекарданд, ки писарони хонаводаҳое, ки имконоти молӣ доранд, дар курсиҳои шахсӣ дарс мехонанд ва имконоти муваффақиятишон дар имтиҳони дохилшавӣ дар муқоиса бо шогирдони бепул, ки дар мактабҳои давлатӣ таҳсил мекунанд, ба маротиб бештар аст. Зеро дар мактабҳои давлатӣ на муаллим мавҷуд буд ва на имконоти омӯзиш то ин ки дар аввалҳои соли 2000-ум мушкилот ба ҳадди ҷиддӣ бесобиқа, афзоиш ёфт [7, 21].

Як муассисаи ғайридавлатии дигар ба номи “Куфа” теъдоде аз муаллимонро истихдом намуда буд, ки то дар масҷидҳо ба таълими кӯдакон бипардозанд. Аз он ҷо, ки низоми таълиму тарбия дар масҷидҳои Афғонистон ба кӯдакон (писарон ва духтарон) иҷозаи омӯзишро медиҳад, Муассисаи Куфа мехост барои атфоли духтар низ имкони омӯзишро фароҳам созад. Муддате кори ин муассиса муваффақона пеш рафт, аммо ба зуддӣ таълими фанҳое чун риёзӣ дар ин мактабҳо аз тарафи Вазорати таълиму тарбия мамнӯъ эълон гардид ва ҳайати вазифадор барои татбиқи ин амр, шеваи тадриси муаллимонро таҳти назар дошт. Муаллимон таҳти фишор буданд, то шогирдони писарро, ки дастор ба сар намекарданд, ба синфи дарсӣ роҳ надиҳанд.

Мулло Амирхон Мутаққӣ дар сохтмони улуми иҷтимоӣ наздик Политехникии шаҳри Кобул мактаби бисёр бузурге ба номи “Мактаби Форуқия”-ро таъсис гузошт ва як нафар покистониро ба ҳайси сардор дар он ҷо муқаррар намуд, то шеваи тадрис ба шакли мактабҳои покистонӣ амалӣ гардад. Матолиби зикршудаи боло ҳама баргирифта аз натиҷаҳои нодурусти таҳавуллоти сиёсӣ дар Афғонистон мебошад [8, 78].

Нақши СММ баъд аз ҳаводиси 11-уми сентябри соли 2001 ба хотири беҳбудии вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон қобили мулоҳиза мебошад. Конфронси Бон аз нахустин ва барҷастатарин иқдомоти нави СММ буд, ки ба хотири ҳамкорӣ ва ҳимояти ИМА ва кишварҳои ҳамсояи Афғонистон дар чорчӯбаи 6+2 ва бо иштироки намояндагони гурӯҳҳо ва ҷонибҳои афғон, дар моҳи декабри соли 2001 дар шаҳри Бони Олмон баргузор шуд ва оғозе буд, барои барқарории сулҳу субот ва таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон [9, 54]. Конфронси Бон, ки дар охирин марҳилаи мавзӯъ бартарафсози мушкилоти Афғонистонро

ба баррасӣ гирифт ва баъд аз 9 рӯзи баҳс ва музокира хотима ёфт. Натиҷаи он хеле муваффақиятомез буд. Дар ин конфронс барои файсала намудани мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва хусусӣ дар мавриди рушди маорифи Афғонистон баҳсҳо сурат гирифт, ки натиҷаи он барои Афғонистони ибтидои асри XXI муҳим ҳисобида мешуд [10, 25]. Аммо дар ин ҷараёни таърихӣ он чизе ки дар баромадҳои Халилзод аҳамият дорад, таъқиб ва шакл додани сиёсатҳои нафтии Амрико дар Афғонистон, Эрон ва Осиёи Марказӣ мебошад.

Баъд аз конфронси Бон дар моҳи сентябри соли 2001 ҳузури фаъоли маъмуриятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идорӣ ва рушди маориф аз ҷониби СММ дар Афғонистон оғоз шуд. Пас аз таъсиси давлати муваққатӣ дар Афғонистон, Шӯрои Амнияти СММ эҷоди қувваи кӯмак ба амният (ISAF)-ро вазифадор намуд. Ҳамзамон бо он Лахзар Иброҳимӣ ба ҳайси намояндаи хоси дабири кулли СММ ба Кобул равон гардид, то кӯшишҳои худро барои кӯмак ба идораи нави Афғонистон идома диҳад. Аввалин гурӯҳҳои Қувваҳои кӯмаккунанда ба амният (ISAF) вориди Афғонистон шуданд ва таҳти назар ва фармондеҳии англисҳо қарор гирифтанд. Баъдан фаъолиятҳои сиёсии СММ ва намояндагони вижаи он барои Афғонистон густурдагӣ ва вусъати бештаре ёфт ва ҳатто дар эҷоди сохтори идорӣ дар кишвар, муаррифӣ ва гумоштани афроди мавриди назар нақши таъинкунанда дошт. Аз соли 2001 ба ин сӯй на танҳо фаъолияти идораҳои мухталифи СММ ва ҳайатҳои сиёсии он, балки ҳузур ва фаъолияти дуҷонибаи кишварҳои ғарбӣ, муассисаҳои ғайридавлатӣ (NGO) ва созмонҳои байналмилалӣ низ ба таври густурда бештар шуд.

Дар натиҷаи ҳамкории СММ бо давлати Афғонистон, иқдомот ва фаъолиятҳои сиёсии бисёре тайи 14 соли гузашта дар Афғонистон анҷом ёфт. Тақвияти ҳамкориҳо бо созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ, талош, таъмини амният ва истиқрори сулҳ, беҳбудии раванди тавсеаи пойдор, тақвияти ҳокимияти миллӣ ва нақши роҳбари афғонҳо, якҷошавии ба паймонҳои ҷаҳонӣ барои сулҳ, мувофиқатномаҳо ва протоколҳо бо ҳадафи самар бахшидан ва пешбурди сиёсати хориҷии фаъолона, ҳимоят аз номзадони Афғонистон дар созмону муассисаҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ, тавсеаи ҳамкориҳо, талош дар ҷиҳати амалӣ шудани паймонҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ, ки дар пайванд ба Афғонистон баргузор гардид, мисли конфронсҳои Лондон дар моҳи (январи соли 2010), дар Кобул, (июни соли 2010) дар Токио (июни соли 2012) дар ростои обод намудани Афғонистони нав ва эҷоди амният, осоиш ва оромӣ, тақвияти ниҳодҳои демократӣ ва таъмини ҳокимияти миллӣ, ҳамкорӣ намудан аст [14,81].

Бояд ёдовар шуд, ки ҷаласаи таърихии Бон, ки бо иштироки намояндагони гурӯҳҳои мухталифи Афғонистон ба таърихи 7 октябри соли 2001 дар меҳмонхонаи давлатии “Питезбург”-и шаҳри Бони Олмон

баргузор гардида буд, дар ин ҷаласа ҷаноби профессор, устод Бурҳониддин Раббонӣ нақши асосиро мебозид ва баъд аз баргузории ин ҷаласа ба ҳайси Раиси Шӯрои Сулҳ дар раванди рушд ва беҳбудии вазъи сиёсӣ ба хусус соҳаи маорифи кишвари Афғонистон саҳми боризи худро гузоштааст.

Ҳомид Карзайро кишвари Амрико ҳамчун дастнишондоди хеш ба ҳайси Раиси идораи муваққатии Афғонистон таъйин ва ба ҳолати ҷангӣ, ки баъд аз табаддулоти 7 октябри соли 1978 дар кишвар ҳукмфармо буд, зоҳиран хотима бахшид. Бо рӯйи кор омадани низоми нав таваҷҷуҳи нав ба соҳаи маориф бештар шуда ва умедвориҳо ба ояндаи таълиму тарбия дар кишвар зиёдтар гардид [15, 22].

Дар ҷараёни ин таҳаввулоти сиёсӣ, мусоидатҳои байналмилалӣ барои беҳбудии барномаҳои инкишоф, тандурустӣ, ҳимоят аз кӯдакон ва занон, ҳимояи байналмилалӣ аз муҳоҷирон ва фирориёни афғон, беҳбудии шароити пуштибонии ҳуқуқи башар, ҷалби кӯмакҳои башардӯстона, ҳокимияти қонунӣ, ҳукуматдории хуб, ҳамкориҳои техникӣ ба таври сулҳомез аз технология ва энергияи атомӣ ва мухолифат аз муҳити зист, ки СММ дар ин заминаҳо ҳамкориҳои густурда ва иқдомоти ҳимоятӣ анҷом дода аст [13,13].

Яке аз таъсироти нодурусти таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон таваҷҷуҳ ба мактабҳои динӣ ё дини сохтани мактабҳо яке аз ҳадафҳои асосиро дунбол мекард ва ба ин тартиб «Толибон» хоҳони ҷанг буданд. Замоне ки таҳдидоти Амрико барои ҳамла ба Афғонистон оғоз шуд, аз шогирдони мактаби Форуқия хостанд то барои ҷанг ба сангар бираванд. Шогирдони мактабро раҳо карданд ва ҳама фирорӣ шуданд.

Таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баъд аз нобудии «Толибон» Ҳукумати нав дар Афғонистон ба роҳбарии Ҳомид Карзай (аз соли 2001 то соли 2014 дар тӯли 13 сол Раиси Ҷумҳурии Афғонистон буд) мебошад. Дар рафти ин солҳо Ҳомид Карзай ба ҳайси Раиси идораи муваққат, Раиси идораи интиқолии исломӣ ва Раиси ҷумҳурии мунтахаб Афғонистонро роҳбарӣ намуд. Давраи 13-солаи Ҳомид Карзай, ки баъд аз ҷаласаи таърихии Бон шурӯъ шуд, як давраи на ҷандон муҳим барои кишвар маҳсуб мегардад, ки тайи ин давраи сулҳи нисбӣ дар кишвар ҳукмфармо гардид ва ин мардуми Афғонистон буданд, ки бо вуҷуди як силсила мушкилот дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ, рушди маориф ва дигар арсаҳои зиндагӣ пешрафтҳои ҷашмгиреро ба даст оварда ва асосҳои зербинои вайроншудаи Афғонистонро то ҳадди тавон бозсозӣ ва навсозӣ карданд [13,17].

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадӣ Ҷ. Х. Нигоҳе ба таърихи муосири Афғонистон.-Кобул,2019.-240 с.
2. Абдулбоқӣ М. Афғонистон пас аз 11 сентобр.-Кобул, 2005.-168 с.
3. Аброр С. Зуҳури «Толибон» дар Афғонистон.-Теҳрон, 2005.-222 с.

4. Ансорӣ Х. Б. А. Афғонистон дар оташи нафт.-Кобул, 2002.-202 с.
5. Вафоӣ А. М. Авомили шикаст ва нобудии «Толибон».-Теҳрон, 2004.-166 с.
6. Комгор М. Ҷ. Таърихи маорифи Афғонистон.-Кобул, 2008.- 222 с.
7. Мужда В. Афғонистон ва панҷ соли салтаи «Толибон». - Теҳрон, 200.188 с.
8. Расулӣ А.Назаре бар завоёи торики таърихи муосири Афғонистон.-Теҳрон, 2003.-180 с.
9. Расулӣ Н. Афғонистон ва кӯмакҳои ҷаҳонӣ.-Пишовар, 2007.-187 с.
10. Соқиб М. Афғонистон ва кишварҳои аврупоӣ.-Теҳрон, 2006.-225 с.
11. Содиқӣ Ш. Рӯйи кор омадани «Толибон» дар Афғонистон.-Теҳрон, 2006.-145 с.
12. Суруш М.О. Вазъияти маорифи Афғонистон дар замони аморати «Толибон».-Теҳрон, 2005.- 220 с.
13. Самадӣ А. Ф. Рӯйдодҳои панҷ даҳаи ахир дар Афғонистон.-Пишовар, 2004.-533 с.
14. Фозилёр Ф.Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлат миллатсозӣ дар Афғонистон.-Кобул, 2016.-245 с.
15. Шарифов Р.Я. Традиционное образование народов Хорасана (Ретроспективный взгляд на историю формирования и эволюции системы). – Душанбе, “Эр-граф”. 2017. – 109с.
16. Истории традиционного и современного образования в Афганистане. – Душанбе, “Таъминотчӣ”. 2018.-317 с.

## ВАЗЪИ МАОРИФИ АФҒОНИСТОН БАЪДИ ВОҚЕАИ 11-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2001

Дар мақолаи мазкур, муаллиф таҳаввулоти сиёсии Афғонистон баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 ва таъсири мустақими он бар рушди маорифи Афғонистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Чи тавре ки таърих шоҳиди он аст, дар санаи 11- уми сентябри соли 2001 се ҳавопаймои мусофирбари дар ИМА бо тамоми одамонаш, ба се маркази муҳиммтарини тиҷоратӣ дар ИМА бархӯрданд, ки бурҷҳои тиҷоратии ИМА ва қисмате аз сохтмони Пентагони Вазорати мудофиаи ИМА дар ин ҳодиса аз байн рафт ва ҳудуди се ҳазор нафари сокини ИМА ҷони худро аз даст доданд.

Яке аз таъсироти нодуруст таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон таваҷҷуҳ ба мактабҳои динӣ ё дини сохтани мактабҳо як ҳадафи умдатан муайянро дунбол мекард ва ба ин тартиб Толибон хоҳони ҷанг буданд. Замоне ки таҳдидоти Амрико барои ҳамла ба Афғонистон оғоз шуд, аз шогирдони мактаби Форуқия хостанд то барои ҷанг ба сангар бираванд. Шогирдони мактабро раҳо карданд ва ҳама фирорӣ шуданд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки яке аз таҳаввулоти бузурги баъдӣ аз нобудии Толибон ҳукумати нав дар Афғонистон бо роҳбарии Ҳомиди Карзай дастнишондаи ИММ, ба кӯмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ (аз соли 2001 то соли 2014 дар ҳудуди 13 сол раиси Ҷумҳурии Афғонистон) буд, мебошад. Дар рафти ин солҳо Ҳомид Карзай ба ҳайси Раиси идораи муваққат,Раиси идораи интиқолии исломӣ ва Раиси ҷумҳурии мунтахаб дар як марҳилаи на чандон муҳими таърихӣ Афғонистонро роҳбарӣ намуд.

Хулоса, дар натиҷаи ҳамкории СММ бо давлати Афғонистон, иқдомот ва фаъолиятҳои сиёсии бисёре тайи 14 соли гузашта дар Афғонистон анҷом ёфт.

**Калидвожаҳо**: *таҳаввулоти сиёсӣ, Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Созмонҳои байналмилалӣ, воқеаҳои 11 сентябр, маорифи Афғонистон, Бурҳониддин*

*Раббонӣ, Ҳомид Карзай, Конфронси Бон, Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони Конфронси Исломӣ, Толибон, мактабҳои замонавӣ.*

## СОСТОЯНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ В АФГАНИСТАНЕ ПОСЛЕ 11 СЕНТЯБРЯ 2001 ГОДА

В данной статье автор анализирует политическую ситуация Афганистана после событий 11 сентября 2001 г. и ее прямое влияние на развитие образования в Афганистане. История показала, что 11 сентября 2001 года три пассажирских самолета со всеми находящимися в них пассажирами в Соединенных Штатах столкнулись с тремя крупными коммерческими центрами в Соединенных Штатах, разрушив деловые уголки США и часть здания Пентагона. и почти 3000 граждан США погибли.

Одним из негативных последствий политических потрясений в Афганистане было сосредоточение внимания на религиозных школах или строительство религиозных школ для в значительной степени тонких целей, и поэтому талибан хотел войны. Когда началась американская угроза вторжения в Афганистан, учеников школы Фарукия попросили пойти на войну. Студенты покинули школу, и все разбежались.

В то же время следует отметить, что одним из величайших изменений после падения Талибана стало новое правительство в Афганистане во главе с Хамидом Карзаем, который занимал пост президента Афганистана 13 лет с 2001 по 2014 годы. На протяжении многих лет Хамид Карзай руководил Афганистаном на важном и историческом этапе в качестве председателя отдела образования, председателя Исламского переходного управления и избранного президента.

В результате сотрудничества ООН с правительством Афганистана за последние 14 лет в Афганистане было реализовано множество политических инициатив и мероприятий.

**Ключевые слова:** *политические события, Исламская Республика Афганистан, международные организации, события 11 сентября, афганское образование, Бурхониддин Раббони, Хамид Карзай, Бон Конференция, Организация Объединенных Наций, Организация Исламская конференция, Талибан, современные школы.*

## EDUCATIONAL SITUATION IN AFGHANISTAN AFTER SEPTEMBER 11, 2001

In this article, the author analyzes the political situation in Afghanistan after the events of September 11, 2001 and its direct impact on the development of education in Afghanistan.History has shown that on September 11, 2001, three passenger planes with all passengers in the United States collided with three major commercial centers in the United States, destroying the US business corners and part of the Pentagon building. and nearly 3,000 US citizens died.

One of the negative consequences of the political upheaval in Afghanistan was the focus on religious schools or the construction of religious schools for largely subtle purposes, and therefore the Taliban wanted war. When the American threat to invade Afghanistan began, students at Farouk School were asked to go to war. The students left the school and everyone fled.

At the same time, it should be noted that one of the greatest changes since the fall of the Taliban has been the new government in Afghanistan, led by Hamid Karzai, who served as Afghan President for 13 years from 2001 to 2014. Over the years, Hamid Karzai led Afghanistan at an important and historic juncture as Chairman of the Education Department, Chairman of the Islamic Transitional Authority and President-elect.

As a result of UN cooperation with the Afghan government over the past 14 years, many political initiatives and activities have been implemented in Afghanistan.

**Key words**: *Political events, Islamic Republic of Afghanistan, international organizations, September 11 events, Afghan education, Burhanuddin Rabbani, Hamid Karzai, Bon Conference, United Nations Organization, Islamic Conference, Taliban, modern schools.*

**Сведения об авторе:** Кушо Фаҳим-преподаватель Университета Джаузджан, Афганистан, доктор философии, 2 курс, Таджикский национальный университет. Телефон: (+992) 919511180. E-mail: kosha.Fahim2019@gmail.com.

**Information about the author** Kosha Fahim-Lecturer, University of Jowzjan, Afghanistan, Doctor of Philosophy, 2nd year, Tajik National University. Telefone: (+992) 919511180.E-mail: kosha.Fahim2019@gmail.com

УДК-331/07/ (575)

# БИСТУПАНҶҲАЗОРИЁН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

**МИРЗОЕВ Ғ. Ш.,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Биступанҷҳазориён коргарони пешқадами корхонаҳои бузурги саноатии Иттиҳоди Шӯравӣ мебошанд, ки бо даъвати Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ охири солҳои 20–ум ва аввали солҳои 30-юм барои таъсис ва ташаккули хоҷагиҳои коллективӣ (колхозҳо) аз шаҳрҳо ба деҳот фиристода шуда буданд. "Моҳи ноябри соли 1929 пленуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии ИҶШС қарор дар бораи сафарбар намудани 25-ҳазор нафар коргарони шаҳрҳоро ба деҳот қабул намуд. Ин қарор миёни коргарон дастгирӣ ёфт. Дар натиҷа дар тамоми ИҶШС 27 ҳазору 519 нафар коргарон барои рушди хоҷагии қишлоқ ба деҳот сафарбар шуданд" [3, 21].

Дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон биступанҷҳазориён мавқеи намоёнро ишғол кардаанд. Бо мақсади рафъи ақибмонии иқтисодӣ ва рушди босуръати тамоми иқтисодиёти ҷумҳурӣ, Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ барои суръат бахшидани сохтмони колхозҳо ва роҳандозии обёрӣ ва мелиоративии заминҳо чораҳои зарурӣ андешиданд.

Барои амалисозии рушди соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон шароити мусоиди муҳити зист, аз ҷумла, фаровонии об, офтоб ва захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буданд. Аммо халқи тоҷик дар он солҳои душвор бе кӯмаки беруна наметавонист ин вазифаи муҳимро ҳал намояд. Ба ҷумҳурӣ миқдори зиёди таҷҳизот, коргарон, мутахассисон ва шахсони салоҳиятдор лозим буд.

Маълум аст, ки бо ташкили Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон сохтмони саноатӣ ва роҳсозӣ, дигаргунсозии кишоварзӣ, сохтмони иншооти обёрикунӣ ва азхудкунии заминҳо, ки чораҳои қатъиро талаб мекарданд, оғоз ёфтанд. Амалисозии коллективикунонии хоҷагии қишлоқ ва ташкили системаи колхозҳо қайд карда шуд. Коллективикунонӣ як марҳалаи табиӣ ва ногузири сохтмони сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт. Бидуни коллективонӣ ҳалли мушкилот дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ғайриимкон буд.

Аз ин рӯ, соли 1929 роҳбарияти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон ба Ҳукумати Иттифоқ муроҷиат карданд, ки коргарони ботаҷрибаро барои расонидани кӯмаки амалӣ фиристанд. «10 апрели соли 1930 қатораи Тошканд-Сталинобод ба пойтахти Тоҷикистон расид. Роҳбарони ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон, мансабдорони давлатӣ, низомиён, садҳо деҳқонони одӣ ва коргарони корхонаҳои шаҳр барои пешвоз гирифтани ин қатораи ғайриодӣ ба истгоҳ омаданд. Биступанҷҳазориён дорои таҷрибаи назарраси истеҳсолӣ ва корӣ, таҷрибаи бой дар корҳои ҷамъиятӣ буданд, ки ба Тоҷикистон барои ташкили хоҷагиҳои коллективӣ омада буданд» [5,234]. Биступанҷҳазориён дар ташкили колхозҳо, совхозҳо, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ дар деҳот, ҷалби оммаҳои деҳқонӣ дар истеҳсолот ва чорабиниҳои иҷтимоиву фарҳангӣ фаъолона иштирок карданд. Онҳо дар байни аҳолии деҳаҳо корҳои оммавии сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ гузарониданд ба фаъолони колхозҳо дар ба танзим даровардани сабти амвол ва ҳамчун ташкилкунандагони мусобиқаҳои сотсиалистӣ баромад мекарданд.

Биступанҷҳазориён дар ташкили истеҳсолот ва хоҷагиҳои коллективӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ нақши бузург доштанд. Бо кӯмаки онҳо ҳаёти деҳқонон тағйир ёфт, усулҳои пешрафтаи идоракунӣ ҷорӣ карда шуданд.

Ба кӯмаки беназири байналмилалии синфи коргари Маскав ва дигар марказҳои саноатии Россия аз ҷониби деҳқонони ҷумҳурӣ баҳои баланд дода шуд. Рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» дар ин бора чунин навиштааст: «Шубҳае нест, ки комёбиҳо дар сохтмони колхозии мо бо роҳбарии мустақим ва иштироки коргарони пешқадами Маскав ва Иваново-Вознесенск ба даст оварда шудаанд» [7].

Муваффақиятҳои индустрикунонии саноат дар ИҶШС ба мо имкон доданд, ки азнавсозии васеи техникӣ соҳаи кишоварзиро оғоз намоем.

Соли 1930 дар ҷумҳурӣ аввалин истгоҳҳои мошину тракторҳо (МТС)-дар Шаҳринав, Шаҳритус, Арал ва Сарой Камар таъсис дода шуданд. «Истгоҳҳои мошину тракторҳо, ки шумораи онҳо сол аз сол меафзуданд фишангҳои пурқуввати барқарорсозии сотсиалистии кишоварзӣ буданд. Дар ноҳияҳое, ки Истгоҳҳои мошину тракторҳо (МТС)-ҳо таъсис ёфта буданд коллективонии хоҷагии қишлоқ авҷ гирифта, дар охири соли 1930 то 80% хоҷагиҳои деҳқонӣ ба хоҷагиҳои коллективӣ муттаҳид карда шуданд. Истгоҳҳои мошину тракторҳо на танҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ кӯмаки техникӣ расониданд, ки хеле муҳим буд, инчунин барои ворид кардани техникаи нави кишоварзӣ ба истеҳсолоти колхозӣ, истифодаи таҷҳизоти муосири кишоварзӣ аз ҷониби деҳқонон ва ғайра корҳои зиёде анҷом дода шуданд» [12, 22].

Барои интиқоли таҷрибаи синфи коргар ба хоҷагиҳои деҳқонии колхозӣ коргарон аз марказҳои саноатии кишвар ба деҳаҳо омада буданд. Ҳамин тавр, ноҳияи Иваново-Вознесенск дар аввали соли 1930 ба ҷумҳурӣ якчанд оҳангар, 43 нафар коргарони саноати бофандагӣ фиристод.

«Ба Тоҷикистон биступанҷҳазориён омаданд, ки аз онҳо Крупинин, А.И.Уваров, П.А.Сухов, В.Казанков ва дигарон махсусан ҳамчун созмондиҳандагони истеҳсолоти колхозӣ машҳур буданд. Фаъолияти биступанҷҳазориён гуногунҷабҳа-аз корҳои сиёсӣ дар деҳот ва ташкили хоҷагиҳои коллективӣ ва ғайра иборат буданд. Онҳо барои ҷалб кардани одамони беҳтарин аз сафи деҳқонон ба ҳизб корҳои зиёдеро анҷом доданд ва унсурҳои зидди шӯравиро аз хоҷагиҳои коллективӣ баровარданд» [10, 74].

Таҷрибаи худро ба деҳқонон расонида, коргарон барои ташкили хоҷагиҳои коллективӣ корҳои зиёдеро анҷом доданд. Онҳо тарафдорони рақобати сотсиалистӣ буданд ва бори аввал маҷлисҳои истеҳсолиро ба амалияи кори колхоз ворид карданд.Гурӯҳи коргарон ва биступанҷҳазориён ба деҳқонон истифодаи техникаи замонавии кишоварзиро ёд доданд ва таъмири онро дар хоҷагиҳои коллективӣ анҷом доданд.

Соли 1931 сохтмони системаи обёрии Вахш, ки барои обёрии беш аз 84 ҳазор гектар замин, асосан барои парвариши навъҳои маҳиннахи пахта пешбинӣ шуда буд, оғоз ёфт. Арзиши умумии ин сохтмон-яке аз бузургтарин иншооти обёрӣ дар ИҶШС – 160 миллион рубл муайян шуда буд.

«Корҳои муҳаққиқони гидрологи Шӯравӣ, мелиораторон, олимони хокшиносӣ, агрономҳо собит карданд, ки сохтмони канал дар дарёи Вахш ва обёрии заминҳои нав дар водии Вахш барои парвариши навъҳои маҳиннахи пахта комилан имконпазир аст. Сохтмон бо таҷҳизоти зарурӣ: экскаваторҳо, скреперҳо, грейдерҳо, мошинҳои ҷобаҷогузорӣ таъмин карда шуд. Ҳазорон нафар коргарон аз Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои

Иттифоқи Шӯравӣ барои сохтмони канал ба водии Вахш омаданд ва ин иншоот ба як иншооти воқеии дӯстии халқҳо табдил ёфт» [11, 102].

Ба бинокорон лозим омад, ки душвориҳои ғайриодӣ, дар аввал набудани масирҳои муносиби иртиботӣ, баъзан норасоии масолеҳ ва таҷҳизоти сохтмонро бартараф кунанд.

Ҳамин тавр, нақши биступанҷҳазориёнро дар рушди Тоҷикистони Шӯравӣ ва саҳми онҳоро дар ташаккули ҷумҳурӣ наметавон бо чизе муқоиса кард. Биступанҷҳазориён дар рушди илмии академии Тоҷикистон саҳм гузошта, ба сифати директорон ва сармуҳандисони корхонаҳо, кормандони пажӯҳишгоҳҳо ва устодони донишгоҳҳо ва муаллимони мактабҳо, котибони Кумитаи марказӣ, кумитаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеаи ҷумҳурӣ фаъолият менамуданд.

Аксари биступанҷҳазориён, ки ибтидои солҳои 30-юми асри XX ба Тоҷикистон омада буданд то охири умр дар ҷумҳурии мо монданд ва фаъолияти пурсамар намуданд. Машҳуртарини онҳоро дар зер номоварӣ менамоем:

**Вячеслав Красичков** (1898-1978)-селексионер ва растанипарвари тоҷик.Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ (1966).Муаллифи 14 навъи хуби нахи пахта.Академик (аз соли 1957) ва ноиби президенти Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1957-1960). Ӯ дар яке аз қабристонҳои Душанбе гӯронида шудааст.

**Олег Доброволский**-астроном, академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон. Аз соли 1946 мудири шуъбаи астрономияи кометаҳо, директори Институти астрофизикаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон буд. Дар солҳои 70-уми асри XX таҳти сарварии ӯ марҳалаи дуюми Расадхонаи Ҳисор сохта шуд.

**Иван Гусев**-устои васлгари баландкӯҳ, бинокори Корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе ва Неругоҳи барқию обии “Норак”.

**Георгий Мазуровский**-наттоқи Телевизони Тоҷикистон.

**Зайсева В**.- табиби шоистаи ҶШС Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб, вакили Шӯрои Олии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон.

## АДАБИЁТ


1. Государственный архив новейшей истории Таджикистана. Ф. 3, оп. 5. Д. 648. Л. 33.
2. Абдуназаров Х. Вахшонзамин.- Душанбе: Шарқи озод, 2003
3. Гадоев Х.Г. В семье единой и великой. - Душанбе, 1970.
4. История таджикского народа. Т. 5. – Душанбе, 2004. – 750с.
5. История таджикского народа. Т.3. Кн. 1. - 350с.
6. Кошкин В. В. Вахшская оросительная система. - Душанбе: Ирфон, 1967.
7. Коммунист Таджикистана. 1931, 15 февр.
8. Материалы по истории Коммунистической партии Таджикистана. – Душанбе, 1971.

9. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. - Т.1. – Душанбе, 1979.
10. Русаков А.В. Рабочие двадцатипятитысячники в Таджикистане //Таджикистан в братской семье народов СССР. -Душанбе: Дониш, 1974.- С.72-82.
11. Ҳамроев М. Таърихи обёрии водии Вахш (1930-1990). - Душанбе: Ирфон, 19….
12. Усмонов Р. Коммунистическая партия Таджикистана и вопросы
13. совхозного строительства. Душанбе, 1965.

## БИСТУПАНҶҲАЗОРИЁН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

Биступанҷҳазориён коргарони пешқадами корхонаҳои азими қисматҳои маркази ИҶШС мебошанд, ки бо қарори Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ барои бунёди хоҷагиҳои коллективӣ, яъне колхозу совхозҳо ба деҳот омада буданд. Ин коргарон дар таърихнигории Шӯравӣ биступанҷҳазориён ном гирифтаанд. Аз ҷумла, як гурӯҳ биступанҷҳазориён ба Тоҷикистони Шӯравӣ сафарбар шуданд. Биступанҷҳазориён дар ташкили истеҳсолот ва хоҷагиҳои коллективӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ нақши бузург доштанд. Бо кӯмаки онҳо ҳаёти деҳқонон тағйир ёфт, усулҳои пешрафтаи идоракунӣ ҷорӣ карда шуданд. Гурӯҳи коргарон ва биступанҷҳазориён ба деҳқонон истифодаи техникаи замонавии кишоварзиро ёд доданд ва таъмири онро дар хоҷагиҳои коллективӣ анҷом доданд. Аксари биступанҷҳазориён, ки ибтидои солҳои 30-юми асри XX ба Тоҷикистон омада буданд, то охири умр дар ҷумҳурии мо монданд ва фаъолияти пурсамар намуданд.

**Калидвожаҳо:** *биступанҷҳазориён, бародарӣ, ҷумҳурӣ, колхоз, олоти меҳнат,истеҳсолот, техника, ҳосилнокӣ, коллективонӣ.*

## ДВАЦАТИПЯТИТЫСЯЧНИКИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

История дружеской помощи русского и других братских народов Советского Союза таджикским труженикам в создании колхозного строя и поднятии сельского хозяйства в республике представляет одну из наиболее замечательных и славных страниц в летописи дружбы и сотрудничества народов СССР. С первых дней своего пребывания двадцатипятитысячники в колхозах, и машинотракторных станциях (МТС) республики развернули свою практическую деятельность. Рабочие со всех концов огромной страны с большим энтузиазмом стали помогать партийным, советским и хозяйственным работникам, руководителям колхозов и в создании коллективных хозяйств, привлечении дехкан к коллективному труду в сельском хозяйстве, применении техники и технологии в производство и подготовке местных кадров.

**Ключевые слова**: *двацатипятитысячники, братство, солидарность, помощь, республика, техника, колхоз, коллективизация, орудие труда, трактор, производство, урожайность.*

# TWENTY-FIVE THOUSAND PEOPLE AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF SOVIET TAJIKISTAN

The history of friendly assistance of the Russian and other fraternal peoples of the Soviet Union to Tajik workers in creating a collective farm system and raising agriculture in the Republic is one of the most remarkable and glorious pages in the annals of friendship and cooperation of the peoples of the USSR. From the first days of their stay, twenty-five thousand people in the collective farms and machine-tractor stations (MTS) of the Republic launched their practical activities. Workers from all over the vast country enthusiastically began to help party, Soviet and economic workers, heads of collective farms and in creating collective farms, attracting dehkans to collective work in agriculture, applying machinery and technology to production, and training local personnel.

**Key words:** *twenty-five thousand people, brotherhood, solidarity, aid, Republic, machinery, collective farm, collectivization, tools, tractor, production, productivity.*

**Сведения об авторе:** Мирзоев Голибшо Шарифович-старшый преповадатель кафедры истории таджикского народа Бохтарский государственный университет.Телефон: (+992) 918811314. E-mail:mirzoev.golibsho@inbox.ru

**Information about the author:** Mirzoev Golibsho Sharifovich - senior lecturer of the Department of History of the Tajik people, Bokhtar State University. Phone: (+992) 918811314. E-mail: mirzoev.golibsho@inbox.ru

# БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Муаррих» нашрияи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, маводи соҳаи илмҳои таърихро дар бар мегирад ва тибқи «Қонун дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма» ба нашр омода мешавад.

## ҲАДАФҲОИ МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ «МУАРРИХ»

инъикоси саривақтии натиҷаҳои фаъолияти тадқиқотии олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин олимони мамолики хориҷии наздику дур, аз рӯи соҳаҳои зерини илм: таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, сиккашиносӣ, таърихи илм ва техника, таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, таърихи санъат, фарҳанг, фалсафа.

-инкишофи ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаҳои таърихшиносӣ, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ;

-ба муҳаққиқон фароҳам сохтани имкони нашри натиҷаҳои ҷустуҷӯҳои илмӣ;

-инъикоси масоили мубрам ва самтҳои ояндадори илмҳои таърихшиносӣ;

-ҷустуҷӯи донишҳои нав барои рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он;

-тарғиби дастовардҳои фаъолияти илмию тадқиқотии олимони институт, ҳамчунин олимони донишгоҳҳои дигар ва муассисаҳои соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ШАРТҲОИ НАШРИ МАҚОЛА ДАР МАҶАЛЛАИ «МУАРРИХ»

-ҳайати таҳририяи маҷалла мақолаҳои илмӣ, тақризҳо, тавзеҳҳои илмии қаблан дар нашрияҳои чопию электронӣ нашрнашударо барои баррасию нашр қабул мекунад, ки ғояҳои илмӣ, натиҷаю дастовардҳои тадқиқоти бунёдии назарию амалиро оид ба соҳаҳои дониш дар илми таърихшиносӣ дар бар гиранд;

-қарор дар бораи нашр ё радди нашр дар асоси муҳиммият, навоварӣ ва аҳаммияти илмии маводи пешниҳодгардида қабул карда мешавад;

-муаллифон (ҳаммуаллифон) масъулияти саҳеҳии иттилооти илмии пешниҳодгардида ва ҳамаи маълумотеро, ки мақола, тавзеҳ ва тақризҳо дар бар мегиранд, ба зимма доранд;

-ҳамаи маводи ба идораи маҷалла ворид гардида ҳатман дар сомонаи *antiplagiat.ru* мавриди тафтиш қарор мегиранд, сипас ҳайати таҳрир муаллифон (ҳаммуаллифон)-ро дар бораи натиҷаи арзёбии дастнавис ва ба тақризи минбаъда қабул шудани мавод ё радди пешниҳоди он ба тақриз огоҳ мекунад;

-ҳамаи мақола, тавзеҳ ва тақризҳои ба идора омада дар сурати ҷавоби мусбат баъди тафтиш дар сомонаи *antiplagiat.ru* ба мақсади арзёбии онҳо аз ҷониби мутахассисони пешбари соҳаҳои дахлдори илм ба тақризи дохилӣ ирсол мегарданд;

-мақолаҳои ба тақризи дохилӣ пешкашшуда бояд пурра тибқи талаботе, ки дар сомонаи маҷалла: ***www.institue-history.tj*** зикр гардидаанд, таҳия карда шаванд;

-агар дар тақриз оид ба ислоҳу такмили мақола тавсияҳо пешниҳод шуда бошанд, ба муаллиф эроду мулоҳизаҳои муқарриз (бе сабти ному насаби ӯ) барои такмилу ислоҳи мавод ирсол мешавад;

-муаллиф маводи такмилдодаро ба идораи маҷалла мефиристад ва идора онро якҷоя бо ҷавоби муаллиф тибқи ҳар моддаи эродҳо ба тақризи такрорӣ мефиристад;

-ҳайати таҳририя ба таҳрири мақола бидуни тағйир додани муҳтавои илмии он ҳақ дорад. Хатоҳои имлоию техникӣ ва услубиро мусаҳҳеҳ бидуни мувофиқа бо муаллиф (ҳаммуаллифон) ислоҳ мекунад.Дар мавридҳои зарурӣ ислоҳҳо бо муаллиф (ҳаммуаллифон) мувофиқа карда мешаванд;

-нусхаи барои такмил ба муаллиф (ҳаммуаллифон) фиристода бояд дар муҳлати муқарраргардида, баъди ворид сохтани ислоҳу тағйирот дар намудҳои электронӣ ва чопӣ бояд ба идора баргардонда шавад;

-мақолаҳое, ки ба чоп қабул нашудаанд, ба муаллиф (ҳаммуаллифон) баргардонда намешаванд. Дар мавриди радди чопи мавод идораи маҷалла ба муаллиф (ҳаммуаллифон) раддияи асоснок ирсол мекунад;

-тибқи дархости шӯроҳои коршиносии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи маҷалла ба онҳо тақризҳоро пешниҳод мекунад.

## ТАЛАБОТ
## БА ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО (ТАВЗЕҲҲО, ТАҚРИЗҲО), КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ «МУАРРИХ» -И ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ЧОП ИРСОЛ МЕГАРДАНД:

*1.* Барои ҷойгир кардан дар маҷалла мақола, тақриз ва тавзеҳҳои илмӣ тибқи ихтисосҳои илмии **07.00.02**-*таърихи Ватанӣ;* **07.00.03**-*таърихи умумӣ (мувофиқи давра);* **07.00.06**-*бостоншиносӣ;* **07.00.07**-*мардумшиносӣ, этнология ва симошиносӣ;* **07.00.09**-*таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ;* **07.00.10**-*таърихи илм ва техника;* **07.00.15**-*таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ,* ки қаблан дар ҳеҷ ҷой чоп нашудаанд, қабул мегарданд.

2. Муаллифон ба идораи маҷалла ҳатман бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунанд:

-матни мақола ба забонҳои русӣ ва англисӣ (ба таври имконият бо тарҷумаи русӣ) ё забони тоҷикӣ, ки дар мактуби роҳнамо бо имзои ректор (ноиби ректор) ё роҳбари муассиса ва ё ин ки ташкилот ба шакли чопии он муаллиф (ҳаммуаллифон) имзо гузоштаанд;

-тақризи доктор ё номзади илм, ки онро мудири шуъбаи кадрҳои ҷойи кори муқарриз мухр ва имзо гузоштааст;

-маълумотнома аз ҷойи таҳсил (барои аспирантҳою магистрантҳо);

-шакли чопии ҳуҷҷатҳо ба идора ба суроғаи зерин ирсол мешавад: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бинои асосӣ, ошёнаи 1, ҳуҷраи 21, тел.:(+992) 221-37-42.

-шакли электронии мақоларо ба почтаҳои электронии ***manzura_h@mail.ru,*** (агар мавод ба забони русӣ бошад) ва (агар мавод ба забони тоҷикӣ бошад) ба ***mukhbirjon.kendzhaev@mail.ru*** ирсол намоед. Телефон барои маълумот: (+992 37) 221-37-42; суроғаи сомона: ***www.institue-history.tj***

# ТИБҚИ ТАЛАБОТИ КОА НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАҚОЛА БОЯД УНСУРҲОИ ЗЕРИНРО ДАР БАР ГИРАД:

-индекси УДК (дар аввали мақола дар шакли сатри алоҳида, дар тарафи чап гузошта мешавад);

-индекси ББК (дар аввали мақола дар шакли сатри алоҳида, дар тарафи чап гузошта мешавад);

-ному насаби пурраи муаллиф (ҳаммуаллифон) ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

-унвони илмӣ, дараҷаи илмии муаллиф (ҳаммуаллифон), ном ва рамзи ихтисоси илмӣ (тибқи номгӯй), ки тадқиқот тибқи он сурат мегирад, ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

-аспирантон, унвонҷӯён, омӯзгорон, докторантҳо номи муассисаи илмиро (магистрантҳо-самти тайёриро) ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикию русию англисӣ зикр мекунанд;

-зикри мансаб, ҷои кор, шаҳру мамлакат ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикию русию англисӣ;

- e-mail ва телефон барои тамос;

-номи мақола бо забонҳои тоҷикию русию англисӣ бо ҳарфҳои калон, ҳуруфи Times New Roman 14 ё Times New Roman Tj 14, тароз дар марказ);

-фишурда ба забонҳои русӣ ва англисӣ ҳуруфи Times New Roman бо курсив, аз 100 то 250 вожа бо сабти мақсаду вазифаи таҳқиқ, баёни мухтасари кор ва хулосаҳои асосие, ки навоварии илмии корро дар бар мегирад;

-калидвожаҳо ба забонҳои русию англисӣ оварда мешаванд, 5-7 калима ё ибора, ки ду ё се вожаро дарбар мегирад; ҳуруфи Times New Roman 14, тарҳаш-курсив, тароз дар бар, вожаҳо ё ибораҳои калидӣ бо вергул аз ҳам ҷудо карда мешаванд);

-мақола ҳатман бояд номгӯи адабиёти истифодашударо бо зикри танҳо сарчашмаҳои иқтибосгардида дар бар гирад. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо назардошти саҳифаи умумии сарчашмаи истифодашуда навишта мешавад. Ҳангоми навиштани рӯйхати мазкур тартиби ҳуруфи алифбо ва талаботи ГОСТ бояд ҳатман риоя карда шаванд;

-иқтибосҳо дар қавсайни квадратӣ бо қайди рақами адабиёт мутобиқи рӯйхати сарчашмаҳо ва саҳифаи он бояд ишора шаванд, масалан: [5, 25] ё [5, 25; 6, 77];

Матни мақолаи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд пурра аз назари таҳрир гузаронида шавад ва аз ғалат орӣ (тоза) бошад.

Мақолаҳое, ки ба идораи маҷалла бо нақзи талаботи мазкур ирсол мегарданд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Масъулияти салоҳият, боэътимодии аснод ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллифон ва муқарризон мебошад.

**Идораи маҷалла**

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

«Историк» - научно-теоретический журнал Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана публикующий материалы серии исторических наук, издаётся согласно закону Республики Таджикистан «О печати и средствах массовой информации».

## ЦЕЛЯМИ НАУЧНОГО РЕЦЕНЗИРУЕМОГО ЖУРНАЛА «ИСТОРИК» ЯВЛЯЮТСЯ:

-оперативное освещение результатов исследовательской деятельности учёных Республики Таджикистан, а также учёных стран ближнего и дальнего зарубежья по следующим отраслям науки: история, историография, археология, этнография, антропология, источниковедение, нумизматика, история культуры, история литературы, история философии и история религии.

- развитие международного сотрудничества в сфере истории, археологии и этнографии;

- предоставление возможности исследователям публиковать результаты научных изысканий;

- освещение актуальных проблем и перспективных направлений исторических наук;

- поиск новых знаний для духовного и социального развития населения Республики Таджикистан в целом и её регионов;

-пропаганда достижений научно-исследовательской деятельности учёных Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Академии наук Республики Таджикистан, а также исследователей других вузов и учреждений образования и науки Республики Таджикистан.

## УСЛОВИЯ ПУБЛИКАЦИИ СТАТЕЙ В ЖУРНАЛЕ «ИСТОРИК»:

-редакционная коллегия журнала принимает для рассмотрения и публикации ранее не опубликованные в печатных и электронных изданиях научные статьи, рецензии, научные обзоры, отзывы, содержащие научные идеи, результаты и достижения фундаментальных теоретических и прикладных исследований по следующим отраслям исторической науки: история, историография, археология, этнография, антропология, источниковедение, нумизматика, история культуры, история литературы, история философии и история религии;

- решение о публикации или об отказе в публикации принимается на основе актуальности, новизны и научной значимости представленных материалов;

- авторы (соавторы) несут всю полноту ответственности за достоверность представляемой научной информации и всех данных, содержащихся в статьях, отзывах, обзорах и рецензиях;

- все представленные в редакцию журнала материалы в обязательном порядке проходят проверку на сайте *antiplagiat.ru,* после чего редколлегия извещает авторов (соавторов) о результатах оценки рукописи и сообщает о приёме материала к дальнейшему рецензированию или об отказе от рецензирования;

- поступившие в редакцию статьи, отзывы, обзоры и рецензии в случае положительного ответа после проверки на сайте *antiplagiat.ru* направляются на внутреннее рецензирование с целью их экспертной оценки ведущими специалистами в соответствующей отрасли науки;

- статьи, допущенные к внутреннему рецензированию, должны быть оформлены в полном соответствии с требованиями, предъявляемыми к публикациям, которые размещены на сайте журнала: ***www.istorik.tarena.tj***;

- если в рецензии содержатся рекомендации по исправлению или доработке статьи, автору направляются замечания и предложения рецензента (без указания сведений о нём) для доработки и исправления материала;

-доработанный материал представляется автором в редакцию журнала и направляется на повторное рецензирование вместе с ответом автора по каждому пункту замечаний;

- редколлегия имеет право на редактирование статей без изменения её научного содержания. Орфографические и стилистические ошибки исправляются корректором без согласования с автором (авторами). При необходимости правка согласуется с автором (авторами);

- вариант статьи, направленный автору (авторам) на доработку, должен быть возвращён в редакцию в оговоренный срок с внесёнными исправлениями и изменениями в электронном и распечатанном виде;

- статьи, не принятые к опубликованию, автору (авторам) не возвращаются. В случае отказа от публикации материала редакция направляет автору (авторам) мотивированный отказ;

- редакция предоставляет рецензии по запросу экспертным советам ВАК при Президенте РФ.

## ТРЕБОВАНИЯ
## К ОФОРМЛЕНИЮ СТАТЕЙ (ОБЗОРОВ, ОТЗЫВОВ, РЕЦЕНЗИЙ), ПРИСЫЛАЕМЫХ ДЛЯ ПУБЛИКАЦИИ В НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ «ИСТОРИК» ИНСТИТУТА ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ ИМ. А. ДОНИША НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК РТАДЖИКИСТАНА

Для размещения в журнале принимаются ранее нигде не опубликованные научные статьи, обзоры, рецензии, отзывы, соответствующие научным специальностям: ***07.00.02*** *- отечественная история;* ***07.00.03*** *- всеобщая история (соответствующего периода);* ***07.00.06*** *- археология;* ***07.00.07*** *- этнография, этнология и антропология;* ***07.00.09*** *- историография, источниковедение и методы исторического исследования;* ***07.00.10*** *- история науки и техники****: 07.00.15*** *- история международных отношений и внешней политики.*

Авторы в обязательном порядке предоставляют в редакцию следующие документы:

-текст статьи на русском или английском (по возможности с переводом на русский язык), или таджикском языке с обязательной подписью автора (авторов) на печатном варианте статьи;

-рецензию доктора или кандидата наук, заверенную в отделе кадров по месту его работы;

-справку с места учёбы (для аспирантов и магистрантов).

Печатные варианты документов направляются в редакцию по адресу: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Академии наук Республики Таджикистан, главный корпус, 1- этаж, кабинет 21. Электронные версии по адресу электронной почты: ***manzura_h@mail.ru,*** или ***mukhbirjon.kendzhaev@mail.ru*** Телефон для справок:(+992 37) 221-37-42; адрес сайта: ***www.institue-history.tj***

# В СООТВЕТСТВИИ С ТРЕБОВАНИЯМИ ВАК ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РТ, СТАТЬЯ ДОЛЖНА СОДЕРЖАТЬ:

- индекс УДК (размещается в начале статьи отдельной строкой слева);

- индекс ББК (размещается в начале статьи отдельной строкой слева);

- фамилию, имя, отчество автора (авторов) полностью на русском и английском или таджикском, русском и английском языках;

-учёную степень, учёное звание автора (авторов), наименование и шифр научной специальности (согласно номенклатуре), по которой ведётся исследование, на русском и английском или таджикском, русском и английском языках;

-аспиранты, соискатели, преподаватели, докторанты указывают кафедру и учебное заведение (магистранты - направление подготовки) на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках;

- указание на должность, место работы, город, страну на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках;

- e-mail;

- название статьи на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках (заглавными буквами, шрифт Times New Roman 14 или Times New Roman tj 14, выравнивание по центру);

- аннотация на русском и английском языках (шрифт TNR 14, начертание-курсив, выравнивание по ширине, от 100 до 250 слов с указанием цели и задач исследования, краткого хода работы и основных выводов, содержащих научную новизну);

- ключевые слова на русском и английском языках (5-7 слов или словосочетаний из двух или трёх слов, через запятую, шрифт TNR 14, начертание - курсив, выравнивание по ширине);

- статья в обязательном порядке должна содержать список использованной литературы с указанием только цитируемых работ. Список литературы приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника. Список использованной литературы оформляется в алфавитном порядке в соответствии с ГОСТ.

- ссылки даются в скобках, в которых указывается номер использованного источника согласно списку использованной литературы, а затем цитируемая страница.

Статьи принимаются в течение года. Редакция оставляет за собой право отбора материала, а также право сокращения публикуемой статьи.

Текст, присылаемой рукописи является окончательным и должен быть тщательно выверен и исправлен. Статьи, направляемые в редакцию с нарушением вышеперечисленных требований, к рассмотрению не принимаются.

За компетентность и содержание публикуемых материалов несут полную ответственность авторы и рецензенты.

**Редакция журнала**

ИНДЕКСИ ОБУНА: 77771

# *МУАРРИХ* -маҷаллаи илмӣ-назариявӣ

**Муассис:** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ақидаи ҳайати таҳририя метавонад ба нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ наояд. Барои мазмуни мавод ва маълумоти саҳеҳ муаллифон масъуланд. Истинод ба сарчашма, муаллиф ва шумора ҳатмист.

Мусаҳҳеҳ: **Манзура ҲАСАНОВА**
Котиби масъул: **Мухбирҷон КЕНҶАЕВ**
Ороишгар ва саҳифабанд: **Илҳом БАҲРОМОВ**

Ба матбаа 30.06.2020 сол таҳвил шуд. Ба чопаш 07.07. 2020 имзо шуд. Андозаи 70x108$^{1/}{}_{8}$ . Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12. Адади нашр 100 нусха. Супориши № __?____

Матбааи Муассисаи нашриявии «Дониш»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734029, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 299/2.

# *ИСТОРИК* - научно-теоретический журнал

**Учредитель:** Институт истории, археологии и этнографии
им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана

Мнение редакционной коллегии может не совпадать с точкой зрения авторов публикаций. Ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов несут авторы. При полной или частичной перепечатке или воспроизведения любым способом ссылка на источник обязательна.

Корректор: **Манзура ХАСАНОВА**
Ответственный секретарь: **Мухбирджон КЕНДЖАЕВ**
Дизайн и верстка: **Илхом БАХРОМОВ**

Сдано в типографию 30.06.2020 г. Подписано в печать 07.07.2020 г. Формат 70x108$^{1/}{}_{8}$.
Офсетная бумага. Офсетная печать. Печатный лист 10. Тираж 100 экземпляр. Заказ №__?_

Отпечатано в типографии ИУ «Дониш» Национальной академии наук Таджикистана,
734029, г. Душанбе, ул. Айни, 299/2.